УДК: 551.32 DOI: 10.65599/TS9980

# ТАДБИРҲОИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Ф.Х. Насруллоев**

Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ

Дар ин мақола тадбирҳои экологӣ ҳамчун механизми ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон дар шароити тағйирёбии иқлим баррасӣ мешавад. Пиряхҳои Тоҷикистон манбаи муҳими оби тоза дар минтақа буда, дар мувозинати экологӣ ва рушди устувори Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозанд. Таҳти таъсири гармшавии иқлим, коҳиши босуръати пиряхҳо мушоҳида мешавад, ки ба амнияти обӣ, энергетика, кишоварзӣ ва экосистемаҳо таҳдид менамояд. Ҳадафи ин таҳқиқот таҳлили тағйирёбандаҳои иқлимӣ (ҳарорат ва боришот) ва омӯзиши чораҳои илман асоснок барои кам намудани коҳишёбии пиряхҳо мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот тағйирёбии назарраси боришот ва ҳарорат нишон медиҳанд. Татбиқи тадбирҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аз ҷумла рӯйпӯшҳои инъикоскунандаи нури офтоб, ҷамъшавии барфи сунъӣ, ташаккули анборҳои ях ва рехтани об дар сатҳи пиряхҳо метавонад таназзули пиряхҳоро кам намояд ва инчунин амнияти обро дар минтақа тақвият диҳад.

***Калидвожаҳо:*** *пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, тадбирҳои экологӣ, амнияти обӣ, Тоҷикистон, таҳқиқоти фосилавӣ*

# ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ МЕРЫ КАК МЕХАНИЗМ СОХРАНЕНИЯ ЛЕДНИКОВ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

**Ф.Х. Насруллоев**

В данной статье рассматриваются экологические меры как механизм защиты ледников в Таджикистане и мире в условиях изменения климата. Ледники Таджикистана являются важным источником пресной воды в регионе и играют ключевую роль в экологическом балансе и устойчивом развитии Центральной Азии. Под влиянием глобального потепления наблюдается быстрое отступление ледников, что угрожает водной безопасности, энергетике, сельскому хозяйству и экосистемам. Цель данного исследования - анализ климатических переменных (температуры и осадков) и изучение научно обоснованных мер по замедлению их сокращения. Результаты исследования показывают значительные изменения в количестве осадков и температуре. Внедрение глобальных и региональных мер, включая светоотражающие покрытия, искусственное накопление снега, формирование ледяных резервуаров и сброс воды на поверхность ледников, может замедлить деградацию ледников и повысить водную безопасность в регионе.

***Ключевые слова:*** *ледники, иизменение климата, экологические меры, водная безопасность, Таджикистан, дистанционное зондирование*

# ENVIRONMENTAL MEASURES AS A MECHANISM FOR GLACIER PROTECTION UNDER CLIMATE CHANGES

**F.Kh. Nasrulloev**

This article discusses ecological measures as a mechanism for protecting glaciers in Tajikistan and the world under climate change. Tajikistan's glaciers are an important source of fresh water in the region and play a key role in the ecological balance and sustainable development of Central Asia. Under the influence of climate warming, rapid glacier retreat is observed, which threatens water security, energy, agriculture, and ecosystems. The aim of this study is to analyze climate variables (temperature and precipitation) and study scientifically based measures to reduce their decline. The results of the study show significant changes in precipitation and temperature. The implementation of global and regional measures, including reflective coatings, artificial snow accumulation, the formation of ice reservoirs and water discharge on the surface of glaciers, can reduce glacier decline and also enhance water security in the region.

***Keywords:*** *glaciers, climate change, ecological measures, water security, Tajikistan, remote sensing.*

## Муқаддима

Захираҳои оби Тоҷикистон аз ҷумла пиряхҳо на танҳо манбаи асосии таъмини оби тоза дар кишвар буда, балки омили муҳимми нигоҳдории тавозуни экологии тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва рушди устувори он ба ҳисоб меравад. Аммо таҳти таъсири мушкилоти ҷиддии гармшавии глобалии иқлим, пиряхҳои Тоҷикистон бо суръат об шуда истодаанд, ки амнияти обии минтақа, таъминоти энергия, соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти низоми экосистемаро зери таҳдид мегузоранд [1-2, 13-15]. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии метеорология (WMO) се соли охир - солҳои 2023, 2024 ва 2025 гармтарин се сол дар тамоми таърихи мушоҳидаҳо(аз рӯи ҳашт маҷмӯи маълумот) ба ҳисоб меравад. Ҳарорати миёна дар давари солҳои 2023 - 2025 нисбат ба сатҳи доиндустриалӣ 1,48 дараҷа баландтар буд. Дар Тоҷикистон солҳои 1970-2020 ҳарорати миёнаи ҳаво аз 1,5°C то 2,0°C баланд шудааст, ки ин аз нишондоди миёнаи ҷаҳонии болоравии ҳарорат хеле бештар аст[11, 12]

Коҳишёбии босуръати пиряхҳо пеш аз ҳама ба ду омил вобаста аст: Якум, гармшавии иқлим, ки омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Гармшавии иқлим боиси баландшавии ҳарорат дар минтақаҳои яхбандӣ гардида, интиқоли гармӣ ба дохили ях афзоиш меёбад ва обшавии пиряхҳоро низ зиёд менамояд. Дуюм, бо баланд шудани ҳарорат, хатти барфӣ боло меравад ва масоҳати минтақаи обшавӣ афзоиш меёбад, ки дар натиҷа албедои умумии пиряхҳо коҳиш ёфта, онҳо нурҳои офтобро бештар фурӯ мебаранд. Аз ин рӯ, корҳои марбут ба ҳифзи пиряхҳо асосан аз ду самт амалӣ мегарданд: аввал коҳиш додани суръати гармшавии иқлим; дуввум кам кардани обшавии мустақими пиряхҳо. Барои ҳалли он

ҳамоҳангсозии ҳамаҷониба ва ҳамкории байналмилалӣ зарур мебошад, то кишварҳо ба иқтисоди камкарбон гузариш намоянд. Бо мақсади мубориза бо тағйирёбии иқлим ва таъсироти манфии он, 12 – уми декабри соли 2015 дар шаҳри Париж Конфронси 21 - уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили тағйирёбии иқлим баргузор гардид [7]. Дар он роҳбарони кишварҳои ҷаҳон ба дастоварди муҳимми таърихӣ - Созишномаи Париж расиданд. Соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 77-уми Маҷмааи Умумии СММ пешниҳоди эълон намудани соли 2025-ро ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ба миён гузоштанд, ки ин пешниҳод бо иттифоқи оро аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ пазируфта шуд. [3, 4].

**Ҳадафи тадқиқот** ин таҳлили тағйирёбандаҳои иқлимӣ аз ҷумла ҳарорати ҳаво ва миқдори боришот ва таъсири онҳо ба коҳишёбии пиряхҳо буда, инчунин омӯзиши тадбирҳои илмӣ ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо мебошад.

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.**

Барои иҷрои ин тадқиқот аз усулҳои таҳқиқоти фосилавӣ, барои таҳлили тағйирёбандаҳои иқлим (ҳарорати ҳаво ва миқдори боришот) аз пойгоҳи глобалии иқлимии WorldClim, ки дар платформаи Google Earth Engine ба даст оварда мешаванд ва бо нармафзори ArcGIS 10.5 коркард шудаанд, истифода намудем [5, 6]. Инчунин омӯзиши тадбирҳои илмӣ ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо аз пойгоҳҳои умумии илмӣ (монанди Web of Science, Scopus), платформаҳои махсус (монанди пойгоҳи маълумоти пиряхҳо Database Glacier ICIMOD, китобхонаи адабиёти пиряхҳо Library Glacier NASA) бо комбинатсияи калидвожаҳои пиряхҳои Тоҷикистон (Tajikistan glaciers), коҳишёбии пиряхҳо (glacial retreat), захираҳои обии Амударё (Amu Darya water resources), кӯлҳои пиряхӣ (GLOFs) ҷустуҷӯ анҷом дода шуд, истифода намудем.

**Натиҷаҳо ва муҳокима**

Барои таҳлили шароити иқлимии Тоҷикистон, мо маълумоти миёнаи моҳонаи боришот ва ҳарорат барои соли 2024 аз пойгоҳи глобалии иқлимии WorldClim https://www.worldclim.org/ истифода намудем. Ин маълумотҳо дар асоси тақсимоти фазоӣ тавассути изолинияҳо (хатҳои яксанҷаи миқдор) иҷро гардиданд. Мувофиқи маълумоти ин пойгоҳ миқдори боришоти солона дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 100 мм то 1400 мм тағйир меёбад. Мантақаҳое, ки боришоти солона дар он ҷо аз 300 мм кам мебошад, асосан қисматҳои шимол, ҷануб ва шарқ ба шумор мераванд, ки ҳамчун иқлими хушк шинохта мешаванд. Мантақаҳое, ки боришоти солона боришоти солона зиёда аз 800 мм аст, асосан дар қаторкуҳҳои Ҳисор, қисми марказии кишвар инчунин ноҳияҳои баландкуҳ воқеъ мебошанд (расми 1).




*Расми 1 – Тақсимоти боришот дар Тоҷикистон барои соли 2024.*

Барои таҳлили тағйироти мавсимӣ, нуқтаҳо дар қисмҳои шимолӣ, ҷанубӣ, шарқӣ ва ҷанубу шарқии кишвар интихоб карда шуданд. Таҳлили миёнаи моҳонаи боришот дар соли 2024 дар расми 2 оварда шудааст.




*Расми 2 – Графики тағйироти миёнаи моҳонаи боришот дар соли 2024.*

Аз расм дидан намудан мумкин аст, ки дар моҳҳои баҳорӣ (март - май) ва фасли тирамоҳ (октябр - ноябр) миқдори боришот бештар мебошад. Дар моҳҳои тобистон боришот ба таври назаррас коҳиш меёбад - боришоти моҳона, одатан аз 30 мм камтар аст.

Тақсимоти фазоии миёнаи моҳонаи ҳарорат барои соли 2024 дар расми 3 нишон дода шудааст. Чи тавре, ки дар расм дида мешавад, минтақаҳое, ки ҳарорати миёнаи моҳона зиёда аз 15°C мебошад, асосан дар шимол ва ҷануби кишвар ҷойгир мебошанд, дар ҳоле, ки минтақаҳои сардтар дар баландкӯҳҳо воқеъ шудаанд.




*Расми 3 – Тақсимоти ҳарорати миёнаи моҳона барои соли 2024.*

Ҳарорат вобаста ба фасли сол тағйир ёфта ва амплитудаи солона тақрибан 25°C - ро ташкил медиҳад. Умуман, дар фасли баҳор, ки оғози зиёдшавии ҳарорат ва миқдори боришот мебошад. Дар ин давра яхбандӣ ва барфҳо об мешаванд ва боришоти шадид зуд-зуд ба амал меояд, ки ин боиси афзоиши ҷараёни об ва баланд шудани хатари офатҳои табиӣ мегардад(расми 4).




*Расми 4 – Графики тағйироти ҳарорати миёнаи моҳона барои соли 2024.*

Бо мақсади мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон стратегияҳои нав ҷиҳати кам намудани тағйирёбии иқлимро фаъолона таҳқиқ ва татбиқ менамоянд. Олимон пешниҳод намудаанд, ки бо истифода аз усулҳои сунъӣ ба низоми иқлимии Замин мудохилаи миқёсан калон анҷом дода шуда, ба таври фаъолона барои коҳиш додани ҳарорати Замин чораҳо андешида шаванд [4].

Чорабиниҳои ҷиҳати кам намудани обшавии пиряххо асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: яке дар асоси чораҳои муҳандисии глобалӣ, ки бештар барои пиряххои калони кӯҳӣ татбиқ карда мешаванд; дигаре бошад, тадбирҳои минтақавии сунъӣ, ки ба пиряххои хурд, ки хусусияти сайёҳӣ доранд, равона гардидаанд (расми 5).




*Расми 5 –Нақшаи чорабиниҳо барои ба таври сунъӣ ҳифз намудани пиряххо.*

Усули пӯшиши сунъӣ. Ҳангоми зиёд будани миқдори энергияи фурӯ бурдаи сатҳи пирях нисбат ба энергияи инъикосшуда, равандҳои обшавӣ ё бухоршавии пирях оғоз мешаванд. Танзими мувозинати энергияи сатҳи пирях асосан аз тавозуни радиатсионӣ вобаста аст. Обшавии пирях бештар дар фасли тобистон сурат мегирад ва асосан аз ҳисоби обшавии сатҳи ях ба амал меояд. Манбаи асосии гармӣ, ки боиси ин раванд мегардад, ин радиатсияи мустақими офтоб ва мубодилаи турбулентии атмосфераи наздизаминӣ мебошад. Усули пӯшиши сунъӣ асосан бо истифода аз маводи дорои албедои баланд амалӣ мешавад, то сатҳи барфу ях бештар радиатсияи офтобро инъикос намояд ва ба ҳамин васила тавозуни радиатсионӣ тағйир ёбад. Ҳангоми интихоби мавод барои пӯшиши сунъӣ, зарур аст, ки хусусиятҳо ва таъсири эҳтимолии онҳо ба равандҳои обшавӣ ба инобат гирифта шаванд.

Тибқи таҳқиқоти пешина, олимон маводи мухталифро санҷиданд, аз ҷумла дар чуб, хокаи чуб ва навъҳои гуногуни матоъҳои обногузар ва нассоҷӣ озмуда шуданд. Натиҷаҳои озмоишҳо нишон доданд, ки геоматоъҳо дар кам намудани раванди обшавии пиряххо натиҷаҳои назаррас нишон медиҳанд. Дар асоси як қатор таҳқиқотҳо дар муқоиса бе рӯйпӯшҳои инъикоскунандаи нури офтоб, истифодаи геоматоъҳо, ки қобилияти баланди инъикоснамоиро доранд, метавонад равандҳои обшавии барфу яхро то 50%–70% коҳиш диҳад. Ин таҷрибаҳо оид ба ҳифзи пиряххо дар зиёда аз даҳ курортҳо ва пиряххои хусусияти сайёҳӣ дошта дар ҷумҳуриҳои Австрия, Фаронса, Олмон, Италия ва Швейтсария бомуваффакият татбиқ карда шуданд [8, 9]. Самаранокии баланди геоматоъҳо ва таъсири онҳо ба тавозуни энергияи рӯйи пирях иртиботи зич дорад. Махсусан, аз сабаби баланд будани албедо, геоматоъҳо радиатсияи кӯтоҳмавҷи бештарро инъикос намуда, энергияи заруриро барои обшавии барф ва ях кам мекунанд. Ғайр аз он, хосиятҳои гармидиҳии онҳо метавонанд ҷараёни гармиро коҳиш дода, обшавии пиряххоро боз ҳам камтар кунанд(расми 6).

Таҳқиқоти олимон нишон доданд, ки васеъ намудани усули пӯшиши сунъӣ дар пиряххо аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайри имкон буда, таҳқиқоти иловагӣ талаб менамояд, зеро матоъҳои геотехникӣ, ки рӯи пиряххо гузошта мешаванд, метавонанд як қатор таъсироти манфӣ ба муҳити маҳалл ва сифати обе, ки аз пирях ҳосил мешавад дошта бошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки ин усул танҳо барои пиряххо муҳиме, ки дар ҳоли нобудшавӣ ё хусуияти сайёҳӣ доранд, татбиқ карда шавад [10].



*Расми 6 –Усули пӯшиши сунъӣ барои коҳиш додани обшавии пиряхҳо*

*Усули сунъии зиёд намудани боришоти сахт.* Усули сунъии зиёд намудани боришоти сахт (барф) асосан бо зиёд намудани массаи умумии барфу ях ва инчунин ҳаҷми пирях, ки дар раванди обшавӣ кам мешавад, коҳишёбии пиряххоро суст мекунад. Аз ҷиҳати назария, онро ба чанд гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- тағйирдиҳии сунъӣ ба равандҳои боришот дар минтақаи яхбандӣ;
- ташкили равандҳои истеҳсол ва ҷойгиркунии барфи сунъӣ дар рӯйи пирях бо мақсади устуворсозии захираи массаи он;
- истифодаи такрории обе, ки аз пиряхҳо ҳосил мешавад;
- илова намудани захираҳои нави боришоти сахт ба рӯйи пирях барои зиёд намудани массаи умумии он.

*Усули сунъии ташкили “анборҳои ях”.* Дар шароити кам будани захираҳои обӣ, бисёре аз кишварҳо тадриҷан низоми идоракунии захираҳои обро такмил медиҳанд. Масалан, дар минтақаҳои шимолии Ҳиндустон, дар маҳалли пайвастани қаторкӯҳҳои Ҳимолой, Қарақурум ва Ҳиндукуш, аҳолӣ ҳар сол ҷисмҳои нави ях месозанд, ки онҳоро “анбори сунъии ях” меноманд. Ин анборҳо ҳамчун манбаи об барои мавсими тобистон хизмат мекунанд.

Шаклгирии пиряхи табиӣ се шартро талаб мекунад: боришоти зиёди барф, ҳарорати паст ва вақт. Яъне аввал барфи зиёд ҷамъ мешавад; баъдан ҳарорати паст имкон медиҳад, ки он тамоми сол об нашавад; ва дар тӯли даҳсолаҳо фишори қабатҳои барф онро ба пиряхи сахт табдил медиҳад. Дар усули сунъӣ бошад, ду пиряхи хурд ё ҷисми яхро бо барфу об пайваст намуда, болояшонро бо ангишту ҳезум, пӯсти гандум, матоъ ё шохаҳои дарахт мепӯшонанд. Ҳар сол бо афзоиши барфи табиӣ, массаи нав бештар сахт мешавад ва тадриҷан ба пиряхи устувор табдил мeёбад, ки ҳамчун анбори захираи об истифода бурда мешавад.

*Усули сунъии рехтани об ба сатҳи пирях.* Дар фасли зимистон об тавассути қубурҳо ё дигар воситаҳо ба пирях интиқол дода мешавад. Сипас бо истифода аз дастгоҳҳои пошидани об ё дигар усулҳо онро ба таври баробар ба рӯйи пирях мепошанд. Барои ба даст овардани натиҷаи самаранок, ин амал бояд танҳо дар мавсимҳои зимистон ё дар шароити ҳарорати паст анҷом дода шавад, то ки қисми зиёди об дубора ях баста, захираи пиряхро зиёд намояд. Ҳаҷми воридшавии об бояд мутобиқи қобилияти ҷаббиши барф ба инобат гирифта шавад. Масалан, барфи зарраҳои майда (диаметрашон <0,0005 м) то 10% ва барфи зарраҳои калон (диаметрашон > 0,001 м) то 5% обро меҷаббанд.

**Хулоса**

1. Дар шароити тағйирёбии иқлим, пиряхҳои Тоҷикистон коҳиш меёбанд ва ба амнияти обӣ, энергетика ва экологӣ дар кишвар ва минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд.
2. Баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво ва миқдори боришот омилҳои калидии таназзули пиряхҳо мебошанд. Консентратсияи боришоти мавсимӣ ва баландшавии ҳарорат дар фасли баҳор ва тобистон равандҳои обшавии сатҳиро шадидтар мекунанд.
3. Самаранокии стратегияи ҳифзи пиряхҳо бояд татбиқи чораҳои ҷаҳониро барои коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва гузариш ба рушди камкарбон бо роҳҳои ҳалли мутобиқшавӣ ва муҳандисии минтақавиро дар бар гирад.

4. Тадбирҳои пешқадам ҷиҳати кам намудани обшавии пиряхҳо аз истифодаи рӯйпӯшҳои инъикоскунанда, ҷамъшавии барфи сунъӣ, ташаккули анборҳои ях ва рехтани об дар сатҳи пиряххҳоро дар бар мегиранд. Аммо, истифодаи онҳо арзёбии экологӣ аз таъсири манфии эҳтимолиро талаб мекунад.

5. Барои ҳифзи пиряхҳо ба як равиши ҳамаҷониба роҳандозӣ карда шавад, ки мониторинг ва тадқиқоти илмӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлимро дар бар гирад.

*Муқарриз: Расулов О. У. – доктор Ph.D. кафедраи «Бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи» ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ*

## Адабиёт


1. Гулахмадов, А. А. Анализ особенностей альпийского климата и его влияния на водные ресурсы Таджикистана / А А. Гулахмадов // Известия Национальной академии наук Таджикистана. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2022. – № 2(187). – С. 115-124. – EDN TVSFSU.
2. Хайдаров, Р. Д. Водные ресурсы как геополитический фактор в системе современных международных отношений / Р.Д. Хайдаров, С.З. Кубатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 11. – С. 258-263. – EDN YYKIHJ.
3. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. Суханронӣ дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид.(https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/52882)
4. Nasrulloev, F. Kh. About the global initiatives of the Republic of Tajikistan in the direction of glacier protection / F. Kh. Nasrulloev, S.T. Goziev, R.Kh. Nasrulloev //, 25–26 сентября 2023 года, 2023. – P. 42-45. – EDN UEFECF.
5. Пойгоҳи глобалии иқлимии WorldClim (https://www.worldclim.org/)
6. Платформаи Google Earth Engine (https://earthengine.google.com)
7. Насруллоев, Ф.Х. Таърихи ташаккули илми яхшиносӣ / Ф.Х. Насруллоев // Илм - асоси рушди инноватсионӣ : Маводҳои конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 18–19 апреля 2024 года. – Душанбе: "Промэкспо", 2024. – P. 295-298. – EDN BROCCW.
8. Senese A, Azzoni R S, Maragno D, et al. The non-woven geotextiles as strategies for mitigating the impacts of climate change on glaciers. Cold Regions Science and Technology, 2020, 173: 103007.
9. Olefs M, Lehning M. Textile protection of snow and ice: Measured and simulated effects on the energy and mass balance. Cold regions science and technology, 2010, 62(2-3): 126-141.
10. Huss M, Schwyn U, Bauder A, et al. Quantifying the overall effect of artificial glacier melt reduction in Switzerland, 2005–2019. Cold Regions Science and Technology, 2021, 184: 103237.
11. Всемирная метеорологическая организация. Состояние глобального климата в 2024 году. – Женева: ВМО, 2025.
12. Observed Climatology of Average Mean Surface Air Temperature / Climate Knowledge Portal, World Bank. https://climateknowledgeportal.worldbank.org/country/tajikistan/climate-data-historical.
13. Джурахонзода, Р. Оценка загрязнения тяжёлыми металлами в зависимости от географического расположения в Таджикистане / Р. Джурахонзода // Политехнический вестник. Серия: Техника и общество. – 2025. – № 4(12). – С. 26-29. – DOI 10.65599/VTDD9089. – EDN IPXALB.
14. Анализ экологической безопасности и воздействия автотранспорта на окружающую среду Республики Таджикистан / Р.А. Давлатшоев, М.К. Бутаев, Б.Ж. Маджидов, Ф. Джобиров // Политехнический вестник. Серия: Техника и общество. – 2025. – № 4(12). – С. 21-25. – DOI 10.65599/TUYY7674. – EDN YBVSBA.
15. Оид ба масъалаҳои такмили барномаи мониторинги сифати оби нӯшокӣ / Н. Фазлиддини, Т.Д. Бобоев, П.Х. Муродов, О.Ҳ. Амирзода // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2025. – No. 4(12). – P. 15-20. – DOI 10.65599/NSUI9377. – EDN BPUXFM.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОР-INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Насруллоев Фарход Хуҷаевич | Насруллоев Фарход Худжаевич | Nasrulloev Farhod Khujaevich |
| Постдокторант | Постдокторант | Graduate student |
| Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ | Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ | Institute of Water Problems, Hydropower and Ecology of NAST |
| E-mail:farhadnarullo@gmail.com | | |
| ORCID ID:0000-0002-1048-9538 | | |

УДК: 656.1:504.75 DOI: 10.65599/TS8123

# МУШКИЛОТИ ТАЪСИРИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ БА ВАЗЪИ ЭКОЛОГИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

[1]Г.Р. Раҷабзода, [2]Э.А. Абдурозиқов

[1]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

[2]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар мақолаи мазкур мушкилоти мубрами экологии шаҳри Душанбе, ки дар натиҷаи афзоиши босуръати шумораи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба миён омадааст, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо истинод ба маълумоти оморӣ ва гузоришҳои расмӣ, вазъи воқеии ифлосшавии ҳаво дар шаҳр ҳамчун яке аз бузургшаҳрҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ шуда, саҳми назарраси нақлиёт дар ин раванд нишон дода мешавад. Дар доираи тадқиқот ба нақши лоиҳаи инноватсионии “Шаҳри бехатар” ва таъсири он ба коҳиши партовҳои заҳролуд дар муҳити атроф таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи ин система на танҳо ба беҳбуди вазъи нақлиёт, балки ба паст шудани сатҳи ифлосшавӣ низ мусоидат намудааст. Махсусан қайд карда мешавад, ки дар таҳқиқоти мавҷуда ба масъалаи ифлосшавии замин ва обҳои нӯшокӣ дар натиҷаи партови равғанҳои муҳаррикӣ, трансмиссионӣ ва моеъҳои махсуси автомобилӣ кам диққат дода мешавад. Дар мақола ин ҷанбаи муҳими таъсири нақлиёт ба экология мавриди баррасӣ қарор гирифта, оқибатҳои он барои муҳити зисти шаҳр нишон дода шудаанд. Дар хотимаи тадқиқот, зарурати қабули “Консепсияи рушди нақлиёти мусофирбарии шаҳри Душанбе” ҳамчун воситаи муҳим барои ҳалли мунтазами мушкилоти экологии нақлиёт ва таъмини рушди устувори пойтахт асоснок карда шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *мушкилоти экологӣ, нақлиёти автомобилии шаҳрӣ, партовҳо, “шаҳри бехатар”, ифлосшавии замин, моеъҳои техникӣ, консепсияи рушд*

# ПРОБЛЕМЫ ВОЗДЕЙСТВИЯ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ НА ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ ГОРОДА ДУШАНБЕ

Г.Р. Рачабзода, Э.А. Абдурозиков

В данной статье анализируются насущные экологические проблемы г. Душанбе, возникшие в результате стремительного роста числа автотранспортных средств. На основе статистических данных и официальных отчетов оценивается фактическое состояние загрязнения воздуха в городе, одном из крупнейших городов Центральной Азии, и показан значительный вклад транспорта в этот процесс. В рамках исследования особое внимание уделяется роли инновационного проекта «Безопасный город» и его влиянию на снижение токсичных выбросов в окружающую среду. Анализы показывают, что внедрение этой системы способствовало не только улучшению транспортной ситуации, но и снижению уровня загрязнения. Особенно отмечается, что в существующих исследованиях мало внимания уделяется проблеме загрязнения почвы и питьевой воды в результате сброса моторных, трансмиссионных и специальных автомобильных жидкостей. В статье рассматривается этот важный аспект воздействия транспорта на окружающую среду и показаны его последствия для городской среды. В заключение исследования обосновывается необходимость принятия «Концепции развития пассажирского транспорта в Душанбе» как важного инструмента для систематического решения экологических проблем транспорта и обеспечения устойчивого развития столицы.

***Ключевые слова:*** *экологические проблемы, городской автомобильный транспорт, отходы, «безопасный город», загрязнение почвы, технические жидкости, концепция развития.*

# PROBLEMS OF TRANSPORTATION IMPACT ON THE ENVIRONMENTAL CONDITION OF DUSHANBE

G.R. Rajabzoda, E.A. Abdurozikov

This article analyzes the pressing environmental problems of Dushanbe, which have arisen as a result of the rapid growth in the number of vehicles. Based on statistical data and official reports, the actual state of air pollution in the city, one of the largest cities in Central Asia, is assessed, and the significant contribution of transport to this process is demonstrated. The study pays special attention to the role of the innovative "Safe City" project and its impact on reducing toxic emissions into the environment. Analysis shows that the implementation of this system has contributed not only to improving the transportation situation but also to a reduction in pollution levels. It is particularly noted that existing studies have paid scant attention to the problem of soil and drinking water pollution resulting from the discharge of motor, transmission, and specialized vehicle fluids. This article examines this important aspect of transport's environmental impact and demonstrates its consequences for the urban environment. The study concludes by substantiating the need to adopt a "Concept for the Development of Passenger Transport in Dushanbe" as an important tool for systematically addressing environmental transport issues and ensuring the capital's sustainable development.

***Keywords:*** *environmental issues, urban automobile transport, waste, "safe city," soil pollution, technical fluids, development concept.*

## 1.Муқаддима

Мушкилоти таъсири воситаҳои нақлиёт ба вазъи экологии муҳити зист дар шаҳрҳои калон аз сатҳи минтақавӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ расидааст ва дар ин ҳолат хусусан босуръат зиёдшавии ҳаҷми партофти газҳои “гулхонавӣ” боиси нигаронӣ мебошад [1-2, 11-13]. Дар тағйирёбии иқлим воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, хусусан дар бузургшаҳрҳо, яке аз саҳмгузорони асосӣ мебошанд. Нисбат ба воситаҳои нақлиёти боркаш ва автобусҳо дар заҳролудсозии ҳавои атмосферӣ саҳми автомобилҳои сабукрав, аз ҷумла таксиҳои мусофирбар хеле калон аст [3, 4]. Айни замон, аксар воситаҳои нақлиётро ҳамчун ифлоскунанда ва заҳролудсозандаи муҳити атроф муаррифӣ мекунанд. Аммо, қайд кардан ба

маврид аст, ки он партовҳои воситаҳои нақлиёт, ки обу хокро ифлос ва заҳролуд сохта, инчунин ба роҳҳои автомобилгард мерезанд, аз таваҷҷӯҳ дур мондаанд. Хусусан равғанҳои муҳаррикӣ, ки ҳангоми дучор шудан ба ҳарорати баланд, фишор, таъсири каталитикии металлҳо ва дигар омилҳо дар муҳаррики дарунсуз ба таври шадид оксид шуда, ба полимерҳо мубаддал мешаванд, ҳангоми ба замин рехтан ба муҳити атроф зарари хеле ҷиддӣ доранд [5]. Илова бар ин, ин намуди маводи партовии автомобилро, айни замон, дар бисёр кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебаранд [7].

Шарҳи ҳамаҷонибаи таъсири экотоксикологии равғанҳои моторӣи истифодашуда нишон медиҳад, ки ифлосшавии хок боиси геотоксикизм мегардад, ки биосеноз ва хосиятҳои физикию химиявии хокро халалдор мекунад, инчунин фитотоксикизмро ба вуҷуд меорад, ки ба афзоиши растанӣ ва мубодилаи моддаҳо халал мерасонад. Заҳролудшавӣ аз таркиби умумии карбогидридҳои нафтӣ (TPH), аз ҷумла карбогидрогенҳои ароматии полициклӣ (ПАУ), BTEX (бензол, толуол, этилбензол, ксилол), бифенилҳои полихлордор (ПХБ) ва иловаҳои кимиёвии заҳролуд ба вуҷуд меоянд [8].

Шаҳри Душанбе ҳамчун маркази маъмурӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд ёфта истодааст. Мутобиқи маълумоти оморӣ, шумораи аҳолии пойтахт ва масоҳати он дар даҳсолаи охир ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ин раванд зарурати таҷдиди куллии низоми нақлиёти мусофирбариро ба миён меорад.

Ҳануз соли 2015 зарурати таҳияи Стратегияи рушди устувори нақлиёти ҷамъиятии шаҳрӣ аз тарафи олимони соҳа пешниҳод гардида буд [1]. Имрӯз бисёр масъалаҳои марбут ба мушкилоти дар соҳа вуҷуддошта тавассути «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи рушди нақлиёти баркӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» қисман ҳалли худро ёфтаанд. Аммо, бо вуҷуди дастовардҳо дар ин самт, набудани як ҳуҷҷати ягона ва фарогир (Консепсия) монеаи асосӣ барои рушди устувори соҳа мебошад.

## 2.Ҳолати воқеии вазъи экологии шаҳр ва таъсири автомобил ба он

Таҳқиқоти олимон дар дигар шаҳрҳои бузург нишон медиҳанд, ки партовҳои нақлиёти мусофирбар тақрибан 20-30%-и тамоми партовҳои ифлоскунандаро дар соатҳои “авҷ” ташкил медиҳанд. То соли 2000 ин рақам барои шаҳри Душанбе беш аз 80% буд. Бо саноатикунонии кишвар, саҳми корхонаҳои саноатӣ дар партовҳои ифлоскунанда ҳар сол мунтазам афзоиш ёфтааст. Дар пойтахт, ки инфрасохтор тадриҷан ба намудҳои алтернативии нақлиёт, бахусус мошинҳои баркӣ, мутобиқ мешавад, ин фоиз метавонад қобили муқоиса бошад.

Бино ба маълумоти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 80-90% ифлосшавии ҳаво дар шаҳри Душанбе маҳз ба ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Ҳаҷми умумии партовҳои автомобилӣ дар як сол ба ҳисоби миёна аз 45000 то 60000 тонна ба намуди моддаҳои ифлоскунанда (заҳрнок) ба ҳаво партофта мешавад. Батадриҷ зиёдшавии ҳаҷми партофти газҳои гулхонаӣ ба атмосфера низ боиси нигаронӣ мебошад. Агар ҳар як литр сӯзишвории сарфшуда тақрибан 2,3–2,5 кг гази $CO_2$-ро ҳосил кунад, дар шаҳри Душанбе ин нишондиҳанда метавонад аз 200 то 350 ҳазор тоннаро дар як сол ташкил диҳад.

Автомобилҳои сабукрави таксӣ дар шаҳри Душанбе яке аз манбаъҳои асосии ифлоскунандаи муҳити атмосферӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо бархурдори "коэффисиенти баланди истифода" мебошанд (дар як рӯз то 200-300 км роҳ мепаймоянд). Мувофиқи ҳисобҳои экспертӣ, як таксии мусофирбар бо муҳаррики дарунсӯз (бензин/газ) дар як сол ба ҳисоби миёна 5 то 7 тонна $CO_2$ ва тақрибан 100-150 кг моддаҳои заҳрнок (CO, NOx) хориҷ мекунад. Бо назардошти он ки дар шаҳри Душанбе ҳазорон таксиҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд, ҳиссаи онҳо дар партовҳои умумии нақлиётӣ метавонад 25-35%-ро ташкил диҳад.

Хушбахтона, ҳаҷми партовҳо тадриҷан тағйир ёфта истодааст. Коҳиши партовҳо асосан ба иваз намудани автобусҳои анъанавии дизелӣ бо электробусҳо вобаста аст. Ин иқдом партови газҳои заҳрнокро дар хатсайрҳои асосӣ то 15-20% кам кард.

Мувофиқи қарори Раиси шаҳри Душанбе, то соли 2025 бояд тамоми таксиҳо ба барқ гузаранд. Дар натиҷи амалишавии қарори мазкур партови газҳои заҳрнок аз ҷониби таксиҳо дар пойтахт қариб ба сифр (0) баробар мешавад.

## 3.Саҳми элементҳои системаи РАРМ ба вазъи экологии муҳити зист

Бояд тазаккур дод, ки дар системаи ҳамгирои “автомобил – муҳити атроф” таъсири манфии ҳар як ҷузъи системаи мазкур нисбат ба ҳамдигар мураккаб буда, зуҳуроти он, дар навбати худ, аз ҳолати элементҳои системаи “Ронанда-Автомобил-Роҳ-Муҳит” (РАРМ) хеле вобаста аст.

Дар умум, таъсири мутақобилаи автомобил ва муҳити атроф дар:

-таъсири манфии автомобил ба ифлосшавии обу замину ҳаво, бавуҷудоварии нороҳатӣ ба системаи асабу узвҳои шунавоии одаму ҳайвонот ва

-дар таъсири омилҳои иқлимию табиӣ ва роҳӣ, дар навбати худ, ба ҳолати техникию коршоямии автомобил зоҳир мегардад (Расми 1).




*Расми 1 – Таъсири экологии мутақобилаи байни автомобил ва муҳити атроф (расм бо ёрии зеҳни сунъӣ тасвир карда шудааст).*

Таснифоти комплексии омилҳои нақлиётӣ ва таъсири онҳо ба муҳити зист дар Ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1–Таснифоти комплексӣ ва таъсири омилҳои нақлиётӣ ба муҳити зист

| Гурӯҳи омилҳо | Нишондиҳандаҳои мушаххас | Таъсир ба сатҳи партовҳо (CO2, NOx, PM2.5) |
|---|---|---|
| 1. Техникӣ ва технологӣ | - Ҳолати муҳаррик ва системаи ихроҷ<br>- Стандарти экологии сӯзишворӣ (Евро-4/5/6)<br>- Навъи энергия (бензин, газ, нерӯи барқ)<br>- Сифати равғанҳои молиданӣ | Бисёр баланд. Нақлиёти кӯҳна нисбат ба нақлиёти муосир то 5-10 маротиба зиёдтар газҳои заҳролуд хориҷ мекунад. |
| 2. Инфрасохторӣ | - Мавҷудияти эстакадаҳо ва гузаргоҳҳо<br>- Сифати қабати асфалти роҳ<br>- Дарозии хатсайрҳо<br>- Ҷойгиршавии истгоҳҳо ва таваққуфгоҳҳо | Баланд. Инфраструктураи номукаммал боиси тамбашавӣ ва афзоиши партовҳо ҳангоми суръатгирии пайваста мегардад. |
| 3. Ташкилӣ (логистикӣ) | - Мавҷудият ва самаранокии аломат ва нишонаҳои роҳӣ<br>- Системаи идоракунии зеҳнии ҳаракат (ITS)<br>- Зичии ҷараёни нақлиёт дар марказ<br>- Баназаргирии самти шамол ҳангоми сохтмони биноҳои истиқоматӣ<br>- Ташкил намудани ҷамъоварии марказонидашудаи моводи партовии автомобилӣ ва коркарди дубораи онҳо | Миёна/Баланд. Танзими дурусти чароғакҳо, аз ҷумла истифодаи усули “мавҷи сабз” метавонад партови газҳоро дар чорроҳаҳо то 20% коҳиш диҳад.<br>Бо назардошти самти шамол ҷойгир намудани биноҳои истиқоматӣ имконият медиҳад, ҷамъшавии газҳои заҳролудсозандаи ҳавои атмосферӣ дар минтақаҳои аҳолинишин пешгирӣ карда шавад.<br>Коркард ва истифодаи дубораи равғанҳои партовӣ пеши роҳи чун сузишворӣ истифода намудани онҳоро, ки муҳити атрофро заҳролуд месозанд, мегирад. |
| 4. Антропогенӣ (инсонӣ) | - Малакаи ронандагӣ<br>- Фарҳанги истифодаи нақлиёти шахсӣ<br>- Сатҳи огоҳии экологии аҳолӣ | Миёна. Усули ронандагии "хашмгин" (aggressive driving) масрафи сӯзишвориро то 30% зиёд мекунад. |

Албатта, омили аввал, яъне омили техникӣ ва технологиро мо хоҳем ё нахоҳем дар шароити кишварамон, ки на истеҳсолкунанда, балки истеъмолкунандаи автомобил ва моводи истифодашавандаи он намебошад, дигаргун карда наметавонем. Аммо, барои баланд бардоштани самаранокии ду омили дигар, аз нуқтаи назари экологӣ, мо ҳама имкониятҳоро дорем.

Ташкили дурусти ҳаракат дар роҳро танҳо дар сурате амалӣ намудан мумкин аст, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои тавсифии воситаҳои нақлиёт дар ҳамгироӣ бо нишондиҳандаҳои экологии он ба

эътибор гирифта шавад. Таҳқиқоте, ки дар шаҳри Клуж-Напока (Руминия) гузаронида шуд, нишон дод, ки байни шиддати баланди ҳаракати нақлиёт (214 адад/дақ), сатҳи садо (то 77 дБ) ва консентратсияи ифлоскунандаҳо (PM2.5, PM10, TVOC) робитаи мустақим вуҷуд дорад, ки таҳлили минералогӣ ва микроструктурӣ нишон медиҳад, ки нанозарраҳои гилӣ ва моддаҳои органикии адсорбсияшуда дар наздикии манбаъ бартарӣ доранд ва парокандагӣ ва ҷойгиршавии ин зарраҳо бо афзоиши масофа аз роҳ ба амал меояд (Avram et al., 2025) [9].

Таҳқиқоти партовҳои мошинҳои дизелӣ дар шароити шаҳрӣ бо иштироки 30 ронанда нишон дод, ки сабки ронандагӣ омили муҳим аст: тақрибан 42% ронандагон сабки ронандагии хашмгинонаро нишон доданд, ки фарқияти партовҳои Nox, ки аз тарафи ронандагони камифлоскунандаи муҳити атроф нисбат ба ронандагони зиёдифлоскунанда 5,9 маротибаро ташкил дода, партовҳои $CO_2$ бошанд 1,56 маротиба фарқ мекунанд. Ин ҳолат мавҷудияти робитаи хаттиро байни партовҳои ҷамъшудаи NOx ва $CO_2$-ро дар сатҳи инфиродӣ тасдиқ мекунад [10].

## 3.Асосноккунии зарурати қабули «Консепсияи рушди нақлиёти мусофирбарии шаҳри Душанбе»

Дар шароити муосири шаҳрсозӣ ва афзоиши босуръати аҳолии пойтахт, таҳия ва қабули Консепсияи махсуси рушди нақлиёти мусофирбарӣ амри зарурӣ мебошад. Ин зарурат бо омилҳои зерини илмӣ ва амалӣ асоснок карда мешавад:

**Танзими урбанизатсия ва афзоиши аҳолӣ.** Душанбе яке аз шаҳрҳои дорои суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар минтақа ба шумор меравад. Консепсия имкон медиҳад, ки нақшаи ҳаракати нақлиёт бо нақшаи генералии шаҳр мутобиқ карда шуда, талаботи афзояндаи сокинон ба ҳамлу нақл пешгӯӣ ва таъмин карда шавад.

**Гузариш ба «Иқтисоди сабз» ва экология.** Яке аз ҳадафҳои асосии стратегии кишвар марҳила ба марҳила гузаштан ба нақлиёти барқӣ мебошад. Консепсия бояд механизми гузариши пурраи нақлиёти ҷамъиятиро ба электробусҳо ва троллейбусҳои муосир муайян намуда, истгоҳҳои барқпуркунӣ ва инфрасохтори лозимиро ба низом дарорад. Ин иқдом сатҳи ифлосшавии ҳаворо дар шаҳр ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

**Татбиқи технологияҳои «Шаҳри ҳушманд» (Smart City).** Барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани системаҳои зеҳнии идоракунии ҳаракат (ITS) зарур аст, он иборат аст аз:

- Системаи ягонаи пардохти ғайринақдӣ;
- Мониторинги GPS ва идоракунии фосилавии ҷадвали ҳаракат;
- Таблоҳои иттилоотии ҳушманд дар истгоҳҳо.

**Мубориза бо тамбашавии роҳҳо.** Зиёд шудани шумораи мошинҳои хусусӣ боиси ба вуҷуд омадани тамбашавӣ мегардад. Консепсия бояд афзалияти нақлиёти ҷамъиятиро (масалан, ҷорӣ намудани хатсайрҳои алоҳида барои автобусҳо) асоснок кунад, то сокинон истифодаи нақлиёти ҷамъиятиро аз мошини шахсӣ авлотар донанд.

**Бехатарӣ ва стандартизатсияи хизматрасонӣ.** Қабули Консепсия имкон медиҳад, ки стандартҳои ягонаи амният, бароҳатӣ ва одоби муоширати ронандагон таҳия карда шаванд. Инчунин, масъалаи дастрасии нақлиёт барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ин ҳуҷҷат бояд ҷои марказиро ишғол намояд.

## 4.Хулоса

Дар шароити муосири шаҳрсозӣ ва афзоиши босуръати аҳолии пойтахт, таҳия ва қабули Консепсияи махсуси рушди нақлиёти мусофирбарӣ амри зарурӣ мебошад. Таҳияи он на танҳо ҳамчун ҳуҷҷати соҳавӣ, балки ҳамчун абзори стратегӣ барои табдил додани пойтахт ба як мегаполиси муосир, экологӣ ва барои зиндагӣ мувофиқ хизмат хоҳад кард.

*Муқарриз: Пиров Ҷ.Т. – н.и.т., Муовини аввали МД "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ"*

## Адабиёт


1. Состояние и перспективы развития общественного транспорта города Душанбе / М.Ю. Юнусов, Х.Б. Хусейнов, И.Е. Агуреев, Д.Ш. Тошев // Вестник Таджикского технического университета. – 2015. – № 3(31). – С. 104-106. – EDN VTFKLX.
2. Sun D.J., Jiao J.C., Ni X.Y., Qiu G. Modeling dynamic competition among urban taxis and the impact on carbon emissions / D.J. Sun, J.C. Jiao, X.Y. Ni, G. Qiu // Sustainable Cities and Society. 2025. Vol. 122. P. 106258. DOI: 10.1016/j.scs.2025.106258
3. Yuan C., Ma N., Mao X., Duan Y., Zhao J., Ding S., Sun L. Estimation of Greenhouse Gas Emissions of Taxis and the Nonlinear Influence of Built Environment Considering Spatiotemporal Heterogeneity / C. Yuan, N. Ma, X. Mao, Y. Duan, J. Zhao, S. Ding, L, Sun // Sustainability. – 2024. Vol. 16, № 16. P. 7040. DOI: 10.3390/su16167040.

4. Zhang L., Wu S., Leng K., Zhu J. Carbon emission reduction pathways for taxis based on the whole life cycle / L. Zhang, S. Wu, K. Leng, J. Zhu // Transportation Research Part D: Transport and Environment. 2024. Vol. 132. P. 104236. DOI: 10.1016/j.trd.2024.104236.

5. Бодурбеков Ф.С. Изменение качества моторного масла - индикатор текущего состояния автомобильных двигателей / Ф.С. Бодурбеков, М.Ю. Юнусов, Б.Ж. Мажитов, Н.Б. Сахибов // Peasant. – 2018. – № 1. – С. 38-40. – EDN STQAJE.

6. Sánchez-Alvarracín C., Criollo-Bravo J., Albuja-Arias D., García-Ávila F., Raúl Pelaez-Samaniego M. Characterization of used lubricant oil in a latin-american medium-size city and analysis of options for its regeneration // Recycling. 2021. Vol. 6, № 1. P. 10. DOI: 10.3390/recycling6010010.

7. Sánchez-Alvarracín C., Criollo-Bravo J., Albuja-Arias D., García-Ávila F., Raúl Pelaez-Samaniego M. Characterization of used lubricant oil in a latin-american medium-size city and analysis of options for its regeneration // Recycling. 2021. Vol. 6, № 1. P. 10. DOI: 10.3390/recycling6010010.

8. Ossai I.C., Hamid F.S., Aboudi-Mana S.C., Hassan A. Ecotoxicological effects, human and animal health risks of pollution and exposure to waste engine oils: A review // Environmental Geochemistry and Health. 2024. Vol. 46, № 10. DOI: 10.1007/s10653-024-02198-7.

9. Avram S.E., Barbu Tudoran L., Borodi G., Filip M.R., Petean I. Urban Traffic's Influence on Noise and Particulate Matter Pollution // Sustainability. 2025. Vol. 17, № 5. P. 2077. DOI: 10.3390/su17052077.

10. On-road $CO_2$ and NOx emissions of a diesel vehicle in urban traffic, Transportation Research Part D: Transport and Environment, Volume 107, 2022, 103326, ISSN 1361-9209, https://doi.org/10.1016/j.trd.2022.103326.

11. Гулаҳмадов, Ҳ.Ш. Арзёбии таъсири ғалоғулаи нақлиёти автомобилӣ ба биноҳои истиқоматӣ / Ҳ. Ш. Гулаҳмадов, С. Ситамов // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2024. – No. 4(8). – P. 20-23. – EDN BMEXIF.

12. Анализ экологической безопасности и воздействия автотранспорта на окружающую среду Республики Таджикистан / Р.А. Давлатшоев, М.К. Бутаев, Б.Ж. Маджидов, Ф. Джобиров // Политехнический вестник. Серия: Техника и общество. – 2025. – № 4(12). – С. 21-25. – DOI 10.65599/TUYY7674. – EDN YBVSBA.

13. Юнусов, Ф.М. риояи талаботи бехатарӣ ҳангоми мусофирбарӣ бо истифодаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр / Ф. М. Юнусов // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2025. – No. 4(12). – P. 30-32. – DOI 10.65599/NWVP4654. – EDN ICBJQK.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Раҷабзода Гуландом Раҷаб | Раджабзода Гуландом Раҷаб | Rajabzoda Gulandom Rajab |
| ассистент | ассистент | assistant |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: norkulova80@mail.ru | | |
| ORCID: 0000-0002-1237-2149 | | |
| **TJ** | **RU** | **EN** |
| Абдурозиқов Элмурод Алимуродович | Абдурозиков Элмурод Алимуродович | Abdurozikov Elmurod Alimurodovich |
| муаллими калони | стар. препод | senior teacher |
| Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Бактрийский государственный университет имени Носири Хусрава | Bactrian State University named after Nosiri Khusrav |

УДК: 551.510.5 DOI: 10.65599/TS5896

# ДИНАМИКАИ ҶАРАЁНИ ҲАРАКАТИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ХИЁБОНҲОИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ ВА АБУАЛӢ ИБНИ СИНОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Г.Р. Раҷабзода, Ҳ.Б. Бобоев, Ф.Б. Зоиров**

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар таҳияи лоиҳаи роҳсозӣ ин ба инобат гирифтани дурнамои шиддатнокии ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо мебошад. Бинобар он, тадқиқоти мазкур дар ҳудуди хиёбонҳои Исмоили Сомонӣ ва Абуалӣ ибни Синои шаҳри Душанбе гузаронида шудаст. Дар мақола шиддати кунунии ҳаракати нақлиёт дар хиёбонҳои зикргардида мавриди таҳлил қарор мегирад. Шаҳри Душанбе инфрасохтори тӯлонии нақлиётӣ дошта, бо ҷараёни зиёди транзитии нақлиёти автомобилӣ тавассути қисми марказии шаҳр, ки ҷойҳои аҳолинишин, марказҳои маъмурӣ ва тиҷоратии шаҳрро дар бар мегирад, хос аст.

***Калидвожаҳо:*** *нақлиёти автомобилӣ, ҷараёни нақлиётӣ автомобилӣ, шиддатнокӣ, хизматрасонии нақлиётӣ.*

# ДИНАМИКА ИНТЕНСИВНОСТИ ДВИЖЕНИЯ ТРАНСПОРТНОГО ПОТОКА НА ПРОСПЕКТАХ ИСМОИЛИ СОМОНИ И АБУАЛИ ИБН СИНО В Г. ДУШАНБЕ

**Г.Р. Раджабзода, Х.Б. Бобоев, Ф.Б. Зоиров**

Одним из важных показателей при разработке проекта дорожного строительства является учет прогноза интенсивности транспортного потока в городах. Таким образом, данное исследование проводилось в районе проспектов Исмоили Сомони и Абуали ибн Сино в г. Душанбе. В статье анализируется текущая интенсивность движения транспортного потока на указанных выше проспектах города. Город Душанбе обладает развитой транспортной инфраструктурой, характеризующейся большим потоком транзитных транспортных средств через центральную часть города, которая включает жилые районы, административные и коммерческие центры города.

***Ключевые слова:*** *автомобильный транспорт, интенсивность движения, транспортный поток, транспортные услуги.*

# DYNAMICS OF TRAFFIC INTENSITY ON ISMOILI SOMONI AND ABUALI IBN SINO AVENUES IN DUSHANBE

**G.R. Rajabzoda, H.B. Boboev, F.B. Zoirov**

One of the important indicators in the development of a road construction project is to take into account the forecast of traffic intensity in cities. Thus, the given was conducted in the area of Ismoili Somoni and Abuali Ibn Sino Avenues in Dushanbe. The article analyzes current traffic flow along these avenues. Dushanbe has a well-developed transportation infrastructure, characterized by a high flow of transit vehicles through the central part of the city, which includes residential areas, administrative centers, and commercial centers.

***Keywords:*** *road transport, traffic intensity, traffic flow, transport services.*

## Муқаддима

Шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт нишондиҳандаи асосие мебошад, ки ҷараёни ҳаракати нақлиётро тавсиф намуда, дар натиҷа ба муҳити зисти шаҳр, асосан ба ҳавои атмосфера ва саломатии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад [1-2, 8-11]. Дар шаҳри.Душанбе барои хизматрасонии шаҳрвандон нақлиёти автомобилӣ нақши асосӣ дорад. Тибқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Душанбе то соли 2020 зиёда аз 120 ҳазор адад нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондод дар охири соли 2024 ба 185 ҳазор адад расидааст, ки ин афзоиши назаррас зиёда аз 54%-ро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи нақлиёти сабукрав зиёда аз 70%, нақлиёти боркаш тақрибан то 15%, автобусҳо тақрибан 10% ва дигар воситаҳои нақлиёт тақрибан 5% -ро ташкил медиҳанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки автомобилҳои сабукрав дар инфрасохтори нақлиётии шаҳри. Душанбе афзоиши босуръат дошта, дар соли 2020 шумораи онҳо тақрибан 84 ҳазор адад ва дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 130 ҳазор адад расидааст. Шумораи нақлиёти боркаш бошад аз 18 ҳазор адад (дар соли 2020) то 28 ҳазор адад (дар соли 2024) афзоиш ёфтааст. Аз маҷмуи тамоми мушкилоти манфии экологӣ, ки аз ҷараёни ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ба биосфера ба вуҷуд меоянд, ин ихроҷшавии аз ҳад зиёди моддаҳои химиявӣ ($CO$, $CO_2$, $NO$, $NO_2$, $SO_2$ $C_xH_y$) ба ҳавои атмосфера дар шаҳр мегардад, ки аз шароити номусоиди метеорологӣ вобастагии зич дорад [3,4]. Бояд қайд кард, ки татбиқи босуръати сиёсати давлатӣ оид ба барқикунони нақлёти шаҳрӣ ва афзоиши ҳиссаи электромобилҳо дар кӯчаҳои пойтахт заминаҳои воқеиро барои коҳишии тадриҷии партовҳои заҳролуд ва беҳтар гардонидани сифати ҳавои шаҳри Душанбе фароҳам меорад [5].

**Объекти тадқиқот** - хиёбонҳои Абуалӣ ибни Синои ва Исмоили Сомонӣ шаҳри Душанбе.

**Мақсад ва вазифаи тадқиқот** – ҳисоб намудани шумораи ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои тадқиқшаванда ва таҳияи тавсияҳо оид ба кам кардани таъсири ҷараёни воситаҳои нақлиёт ба муҳити зисти ш. Душанбе.

**Мавод ва усулҳои тадқиқот.** Тадқиқот солҳои 2022 - 2023 дар хиёбонҳои Исмоили Сомонӣ ва Абуалӣ ибни Синои ш. Душанбе гузаронида шуд. Шоҳроҳҳои интихобшуда ҳаракати дутарафа дошта, аз 8 хатти ҳаракат иборат мебошад. Таҳлили шумораи ҷараёни ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои тадқиқшаванда дар як самт ҳаракат (4 хати ҳаракат), ҳисоб карда шуданд. Шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо истифода аз усули ҳисобкунии визуалӣ муайян карда шуд [6, 7]. Дар ин минтақаҳои тадқиқоти нақлиёти намудҳои гуногун (нақлиётҳои сабукрав, боркаш, микроавтобусҳо ва автобусҳо) ҳисоб карда шуданд.

Шумораи воситаҳои нақлиёте, ки аз шоҳроҳ мегузаштанд, дастӣ ҳисоб карда шуда, мушоҳидаҳо дар рӯзҳои корӣ аз соатҳои: субҳ аз 7:00 то 8:00; рӯзона аз 12:00 то 13:00; шом аз 16:00 то 17:00 ва шабона аз 20:00 то 21:00 (дар як шабонарӯз) гузаронида шуданд.

**Натиҷаҳои тадқиқот.**

Ҳангоми гузаронидани мушоҳидаҳо дар хиёбонҳои Абуалӣ ибни Сино (дар қаламрави сафорати Федеретсияи Русия, МД ММТ «Шифобахш») ва Исмоили Сомонӣ (дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино, мактаби № 25) муайян карда шуд, ки дар ду тарафи шоҳроҳ биноҳои истиқоматӣ, ҷамъиятӣ ва маъмурӣ мавҷуданд ва дар канораи роҳ ниҳолҳои сабз (буттаҳо, дарахтон) тақрибан 1 метр дуртар аз сарҳади роҳ мерӯянд. Дар хиёбони Абуалӣ ибни Сино асосан хонаҳои истиқоматии бисёрқабата, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, МД ММТ «Шифобахш» ва мағозаҳои махсус ҷойгиранд. Харитаи нақшавӣ дар расми 1 оварда шудааст, ки дар он нуқтаҳои назорати мониторинг дар хиёбонҳои Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Сомонӣ таҷассум ёфтаанд.




*Расми 1– Нуқтаи назорати дар хиёбонҳои А. Сино (МД ММТ "Шифобахш") ва И. Сомонӣ (Мактаби миёнаи № 25)*

Натиҷаҳои таҳлилҳои мушоҳидавӣ дар расмҳои 2 ва 3 пешниҳод мегарданд.




Сопоставление двух городов показывает, что культурная идентичность в архитектуре проявляется не только в художественных формах и декоративных приёмах, но прежде всего в логике пространственной организации, характере общественных пространств и способах взаимодействия человека с городской средой. Если в Самарканде доминирует образ города как символа власти и величия, то в Бухаре архитектура выступает носителем традиции. Принципы ансамблевости, иерархии

пространств, характерные для Самарканда и Бухары, могут быть адаптированы при формировании современных административных центров в проектировании новых городских районов. Их историческое наследие продолжает вдохновлять архитекторов и исследователей по всему миру. Изучение этих городов позволяет глубже понять процессы урбанизации, культурного обмена и архитектурного творчества в регионе.

*Рецензент: Шарофзода Э.У. — к.и.н., доцент кафедры «Гуманитарных наук» ТТУ имени академика М.С. Осими*

## Литература


1. Абрамов М.М. Гузары Самарканда. Ташкент: Узбекистан, 1989. 56 с.
2. Массон М.Е. Регистан и его медресе. Самарканд, 1929. 32 с
3. Маликов А.М., Умаров А.Ш. Некоторые особенности исторической топографии Самарканда в 17 в.
4. Бурякова Э.Ю., Мерщиев М.С . Исследования на Регистане Самарканда Археологические открытия 1975 года / Отв. ред. Б.А. Рыбаков М.: Наука, 1976. С. 525–526.
5. Бартольд В.В. Сочинения Туркестана в эпоху монгольского нашествия./ В.В. Бартольд – М.: Наука, 1963. - с.54
6. Массон В.М. Бухара в истории Узбекистана.-Бухара,1995-52с.-рус., узб. (Б-ка из сер. «Бухара и мировая культура»)
7. Потаев Г.А. Тенденции развития градостроительства-Минск: БНТУ, 2014-222с.
8. Мукимов Р.С. Юсуфджанов С.Ю. Некоторые вопросы преемственности традиций в мировой культуре и архитектуре //Проблемы языка, культуры, искусства и философии Востока
9. Рахматуллозода Ш.И., Рахматуллаева Н.И. Вопросы стратегического градостроительно-ландшафтного планирования и жизнестойкости городов и районов Таджикистана. УДК 711 379.8.091.8.1.65 Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, г.Душанбе, Таджикистан -2024.
10. Ерхонзода, О.Е. Технологияҳои рақамӣ таърихи, рӯйдодҳо ва инноватсияҳо / О.Е. Ерхонзода // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2025. – No. 2(10). – P. 22-24. – EDN LBYFXJ.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ-INFORMATION ABOUT AUTHORS


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Раҳматуллозода Шаҳноз Ибодулло | Рахматуллозода Шахноз Ибодулло | Rahmatullozoda Shahnoz Ibodullo |
| н.м., и.в. дотсент | к. а., и.о. доцента | Candidate of architecture, acting associate Professor |
| Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi |
| E– mail:Sh.rahm75@gmail.com | | |
| TJ | RU | EN |
| Мирзокаримов Давлатшо Шодиевич | Мирзокаримов Давлатшо Шодиевич | Mirzokarimov Davlatsho Shodievich |
| Магистратони 2 курс | Магистрант 2 курса | 2nd year Master's student |
| Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi |
| TJ | RU | EN |
| Хаитова Савлатби Раҳмановна | Хаитова Савлатби Рахмоновна | Haitova Savlatbi Rahmanovna |
| н.м., дотсент | к.а., доцент | Candidate of architecture, associate Professor |
| Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E – mail:Savlat@mail.ru | | |

УДК: 37.08.501.65.01 DOI: 10.65599/TS3975

# ИЛМ – САМАРАНОКТАРИН СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

**А.А. Абдурасулов**

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ,

Дар мақола муҳтавои мухтасари маърӯзаи дархостӣ дар конфронси анъанавии байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ – “Илм - асоси рушди инноватсионӣ” нисбати таснифи номи конфронс дар ҷаласаи ифтитоҳӣ, оварда шудааст. Оид ба мақоми илм дар рушди ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар ташаккули фаъолияти иқтисодии он, ибрози назар карда шуда, ба нақши илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ дар рушди фаъолияти иқтисодию истеҳсолии ҷомеа диққати бештар дода шудааст. Дар бораи ба соҳаи мустақилу самараноки фаъолияти иқтисодии ҷомеаи муосир табдил ёфта истодани илм чанд мулоҳиза баён карда шуда, зарурату имконияти дар такя ба илм амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанг, иқтисодиёт, илм, қувваҳои истеҳсолкунанда, воситаи истеҳсолот, автоматика, зеҳни сунъӣ.*

# НАУКА – ЭФФЕКТИВНАЯ ОТРАСЛ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

**А.А. Абдурасулов**

В статье приведено краткое содержание подготовленного по запросу выступление на Международной научно-практической конференции Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими” Наука – основа инновационного развития”, относительно коментарии названия конференции. Большое внимание обращено на роль науки в развитии современного общества, особенно в развитии её экономической деятельности. Приведены предположения относительно превращения науки в самостоятельную эффективную отрасл экономики современного общества. Отмечена необходимость и возможность широкого использования достижения науки для реализации стратегических целей Таджикистана.

***Ключевые слова:*** *культура, экономика, наука, производительные силы, способы производства, автоматизация, искуственный интелект.*

# SCIENCE IS AN EFFECTIVE BRANCH OF ECONOMIC ACTIVITY IN MODERN SOCIETY

**A.A. Abdurasulov**

The article contains a summary prepared by the direction of the organizing committee of the traditional International Scientific and Practical Conference of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi” Science is the basis of innovative development", regarding the commentary of the conference title. Much attention is paid to the role of science in the development of modern society, especially in the development of its economic activities. The article presents assumptions about the transformation of science into an independent and effective branch of the economy in modern society. It highlights the need for widespread use of scientific achievements to achieve Tajikistan's strategic goals.

***Keywords:*** *culture, economy, science, productive forces, methods of production, automation, artificial intelligence*

**Пешгуфтор**[1]. Тибқи ақидаи мутахассисону коршиносон илму таълим системаҳои глобалии кушоду динамикӣ буда, рушду такомули онҳо аз ҳазорҳо омилҳои тасодуфию идорашаванда вобаста мебошад. Ҳама гуна ҳамоиши омавӣ дар ин ҷабҳа ба инкишофи мақсадноки ин манзумаи мураккаб такону суръати тоза мебахшад. Имрӯза 10-умин конфронси Байналмилалии илмӣ-амалӣ – “Илм - асоси рушди инноватсионӣ” ҳам, чун қатраи равған ба шӯълаи гулхани илму дониш дар ҷумҳурӣ алангаи тоза хоҳад бахшид. Ман ҳам ба конфронс илмии апрелӣ, ки аллакай ба ҳукми анъана даромадааст маводеро аз соҳаи тадқиқотҳои илмиамон пешниҳод намудаам. Лекин, дар ин маърӯза бо дастури Кумитаи тадорукоти конфронс, дар партави амалӣ намудани муҳтавои барномаи давлатии “Бистсолаи солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва тафсири шиори конфронс “Илм - асоси рушди инноватсионӣ”, нисбати мақоми илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ дар рушди иқтисодиёту истеҳсолоти ҷомеаи муосир чанд мулоҳизаро иброз намуданиам.

Ҳадафи асосии ин мақола, ба мардуми ҷумҳурӣ, ба ҷавонон тавсиф намудани баъзе имкониятҳои тезтару боэътимод расидан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ тавассути такя ба илму истифодаи мақсадноку самараноки дастовардҳои он, мебошад. Ман дар соҳаи мақоми илм дар

[1] *Чанде пеш аз баргузории конфронси байналмилалии илмӣ-амалии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ – “Илм - асоси рушди инноватсионӣ” дар соли 2025, тибқи дастури кумитаи тадорукот, нисбати муҳтавои номи конфронс ва робитаи илму рушди ҷомеа ахбороте пешниҳод намуда будам. Баъди шунидани ахборот дар ҷаласаи ифтитоҳии конфронс, якчанд иштирокчиёни ҷаласа тавсия доданд, ки ахбори мазкурро бо баъзе таҳриру иловаҳо ҳамчун мақола пешниҳод намоям.*

рушди ҷомеа ҳамеша тадқиқотчӣ нею тарғиботчӣ будам. Бинобар ин маълумотҳои дар мақола овардашудаdon натиҷаи тадқиқотҳои илмии академӣ нею, нуқтаи назари шахсӣ меҳисобам.

**Робитаи илм бо шохаҳои дигари фаъолияти ҷомеа**. Тибқи ақидаҳои илмии ҳозиразамон [1], фаъолияти ҷомеаи муосирро шартан ба се қисм - ба фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ҷудо кардан мумкин аст[2]. Дар мувофиқа бо ин тақсимот, фарҳанги ҷомеаи инсониро, ки ҳамчун ифодакунандаи дараҷаи дастовардҳои ҷомеа дар ҳамаи самтҳои фаъолияташ, дар марҳилаи муайяни таърихӣ маънидод карда мешавад, ба се қисм - ба фарҳанги иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ҷудо менамоянд3. Ба фарҳанги иқтисодӣ тамоми маводу маснуоти аз тарафи инсон сохта шуда, ба фарҳанги сиёсӣ ҳама гуна муносибатҳои дар ҷомеаи инсонӣ барқароршуда, ба фарҳанги маънавӣ бошад ҳамаи шаклҳои фаъолияти эҷодии инсон, мансуб дониста мешаванд. Ба ақидаи мутахассисону коршиносон мақоми фарҳанги иқтисодӣ дар фаъолияти ҷомеа болотару муайянкунанда мебошад.

Мақсад аз овардаҳои боло даъвои фарҳангшиносӣ набуда, нишон додани мақоми илм ҳамчун як ҷузъи махсуси фарҳанги маънавӣ дар рушди дигар самтҳои фаъолияти инсон, асосан дар рушди фаъолияти иқтисодии он, мебошад. Илм дар баробари адабиёт, санъат, дин, ахлоқ, фалсафа ба фарҳанги маънавӣ мансуб дониста шавад ҳам, ҳамчун шакли махсуси шуур у тафаккури ҷамъиятӣ ба дигар шаклҳои фаъолияти ҷомеа робитаю таъсири бештар дошта, мақоми роҳнаморо зоҳир менамояд. Қонунҳои илм, ки дар асоси омӯзиши таҷрибавию мушоҳидаи бевоситаи рӯйдодҳои табиату ҷамъият ва таҳлили мантиқию математикии робитаи байни онҳо таҳия карда мешаванд, нисбатан объективӣ буда, рӯйдодҳои табиату ҷамъиятро воқеӣ ифода менамоянд. Донишҳои илмӣ нисбатан устувор буда, ба инсоният бештару дертар хизмат мекунанд [2, 3].

Масалан, геометрияи Евклид, теоремаи Пифагор, қонуни Архимед зиёда аз ду ҳазор сол пеш кашф шуда бошанд ҳам, то имрӯз васеъ истифода карда мешаванд. Ҳол он ки дар ин давра чандин маротиба сохторҳои давлатию сиёсӣ, ақидаҳои динию мазҳабӣ, форматсияҳои ҷамъиятии иқтисодӣ дигар шудаанд. Қонунҳои илмӣ қариб, ки рад ва инкор намешаванд, бо рушди ҷомеа ва васеъ шудани донишҳои инсонӣ такмил дода пурра карда мешаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бо рушди ҷомеа ва васеъшавии донишҳои инсонӣ, донишҳои илмӣ ҳам васеъ шуда, дар фаъолияти як олим ё як гуруҳи олимон фаро гирифтани ҳамаи соҳаҳои он имконнопазир мегардад. Бинобар ин дар соҳаи илм ҳам, шартан, аз рӯйи зарурат, масъалаи ба қисмҳо ҷудо намудани донишҳои илмӣ ба миён меояд. Дар адабиётҳои мавҷуда, чандин шаклҳою меъёрҳои гурухбандӣ ва ба қисмҳо ҷудокунии донишҳои илмӣ оварда шудаанд. Мо дар ин ҷо, асосан ба тақсимоти умумитару васеъ истифодашавандаи илм ба ду қисм - ба илмҳои ҷомеашиносӣ-гуманитарӣ ва табиатшиносӣ-техникӣ [3] такя мекунем. Қисмати аввали ин тақсимот омӯзиши қонуниятҳои дар ҷомеа амалкунанда ва қисмати дуюми он омӯзиши қонуниятҳои табиату техникиро дар бар мегиранд. Минбаъд дар мақола илм гуфта асосан илмҳои табиатшиносӣ - техникиро дар назар медорем.

Аслан ҳамаи ҷузъҳои фарҳанги инсонӣ бо ҳам алоқамананд. Баъзан ба кадом соҳаи алоҳидаи фарҳанги умумиинсонӣ мансуб донистани ин ё он натиҷаи фаъолияти ҷомеа мушкил мешавад. Масалан, китобхона ё театрро саҳеҳ ба фаҳанги иқтисодӣ ё ба фарҳанги маънавӣ мансуб донистан душвор аст. Дар баъзе мавридҳо ҳато ба илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ ё ҷомеашиносӣ-гуманитарӣ мутаалиқ шуморидани ин ё он натиҷа ё рӯйдод, душвор мегардад.

Барои таъмини рушди устувори ҷомеа тамоми донишҳои илмии инсонӣ саҳмӣ калону ба худ хосро доранд. Аз ҷумла, илмҳои ҷомеашиносӣ-гуманитарӣ ҳам, дар инкишофи фаъолияти иқтисодии ҷомеа саҳми калон дошта метавонад. Боре, тавассути телевизион дар бораи яке аз корхонаҳои калони автомобилбарории Япония маълумот дода, нишон доданд, ки тартибу муносибати низомномавии кории коргарон то ба дараҷаи ҷаҳонбинию эътиқодии шахсии онҳо табдил ёфта, дар боло бардоштани самаранокии фаъолияти корхона таъсири калон расонидааст.

Илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ ҳам, ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги умуминсонӣ, на танҳо ба фаъолияти иқтисодии ҷомеа, инчунин бо дигар шохаҳои фарҳанги он низ, робитаю таъсири тарафайн доранд [7-8].

---

[2] *Ҳама гуна тақсимот нисбӣ, шартӣ ва аз ноилоҷӣ буда, барои сода намуда фаҳмидану фаҳмонидан амалӣ карда мешавад. Дар асл ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти ҷомеа дар шахсияти инсон ва муҳити атрофи он пайвастаю яклухт мебошад*. (А.А.).

[3] *Мутахассисон зиёда аз 3000 таърифҳои гуногуни фарҳанг (культура) – ро ёдовар мешаванд. Дар бисёре аз маъхазҳои интернет қисматҳои фарҳанг истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва маънавӣ (производственная, общественная и духовная культура) номбар шудаанд.*

Ҳарчанд, ки аз рӯйи мундариҷаашон илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ сиёсию идеологӣ нестанд, натиҷаҳои онҳо дар сиёсат, махсусан дар муносибатҳои байни давлатҳою кишварҳо васеъ истифода карда мешаванд. Дар ҳар гуна муносибат тарафҳои иштироккунанда кӯшиш менамояд, ки нисбати тарафҳои дигар афзалият дошта бошаду аз ин афзалият дар муносибатҳо манфиати бештарро соҳиб шавад. Дар шароити ҳозира баръало мушоҳида кардан мумкин аст, ки давлату кишварҳое, ки дорои дастовардҳои нави илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ (яроқу аслиҳаи ҳаставӣ, ракетаю дигар воситаҳои кайҳонӣ, технологияҳои замонавӣ ва ғайраҳо) мебошанд, дар муносибатҳои байнидавлатӣ афзалияти бештарро соҳибанд. Дар навбати худ муносибати илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ бо сиёсат тарафайн буда, сиёсати дурӯсти ҷомеа нисбаташон ба рушди онҳо мусоидат менамояд.

Аз робитаи илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ бо шохаҳои фарҳанги маънавӣ (дин, ахлоқ, санъат, адабиёт), низ мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст. Аммо, дар чаҳорчубаи мақсади асосии мақола ба муносибати илмҳои табиатшиносию техникӣ ва фаъолияти иктисодӣ-истеҳсолии ҷомеа каме бештар тавақуф менамоем.

Дар илми ҳозиразамон фаъолияти иқтисодӣ ҳам аз ду қисм - аз муносибатҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда иборат ҳисобида мешавад. Муносибатҳои истеҳсолӣ асосан тавассути илмҳои ҷомеашиносӣ- гуманитарӣ омӯхта мешаванд. Аз ин лиҳоз дар ин ҷо робита ва таъсири байниҳамдигарии илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ ва иқтисодиётро асосан тавассути муносибати ин илмҳо бо қувваҳои истеҳсолкунанда дида мебароем.

Қувваҳои истеҳсолкунанда низ, дар навбати худ аз ду қисм - аз коргар (қувваи корӣ) ва аз воситаҳои истеҳсолот (олоти меҳнат) иборат дониста мешавад. Боз як бори дигар, хотиррасон менамоем, ки овардани схемаи содаи сохтору муносибатҳои илму иқтисодиёт дар инҷо ба мақсади таҳлили илмии муносибатҳои истеҳсолию қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷомеа, ки дар назарияи иқтисоди муосир ҳамаҷониба таҳқиқ карда мешаванд набуда, нишон додани мақоми илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ дар рушди фаъолияти иқтисодию истеҳсолии ҷомеа мебошад.

**Табдили илм ба соҳаи самараноки иқтисодиёт.** То солҳои 50-уми асри гузашта олимону коршиносон [4] мегуфтанд, ки илм ба истеҳсолот, асосан тавассути такмили олоти меҳнат - воситаҳои истеҳсолот таъсир мерасонад. Олоти меҳнатро такмил дода, илм самараннокии кори коргар ва дар маҷмӯъ самаранокии истеҳсолотро боло мебардорад. Масалан, агар истеҳсолот зироаткорӣ бошад, олоти меҳнати коргари шудгоркунандаро аз бел ба трактори пурқувват, ки маҳсули илмҳои табиатшиносӣ – техникӣ мебошад иваз намуда, самаранокии кори ин коргар ва дар натиҷа суръати шудгори заминро садҳо маротиба зиёд намудан мумкин аст.

Дар нимаи дуюми асри гузашта бо сабаби рушди илму техника ва истифодаи васеи воситаҳои автоматикунонидашудаю роботҳо, дар аксари хатҳои истеҳсолӣ коргарон ба автоматҳо иваз карда шуданд. Яъне илм (табиатшиносӣ-техникӣ) қувваи корӣ - коргарро ҳам иваз намуда, бевосита ба қувваи истеҳсолкунанда табдил ёфтан гирифт. Мундариҷа ва сифати раванди истеҳсолот дигар шуда, маънои “коргар” мазмунан дигар шуд. Муайян кардани ба кадом шохаи иқтисодиёт - ба муносибатҳои истеҳсолӣ ё қувваҳои истеҳсолкунанда мутаалиқ будани коргареро, ки худаш истеҳсол накарда ба воситаи мошинҳои электронӣ маҷмааи роботҳоро идора мекунад, мушкил гашт.Дар раванди рушди иқтисодиёти ҷамъиятӣ саҳми истеҳсолоти илмталабу ба илм такякунанда зиёд шуда, табдилёбии илм ба соҳаи муҳими иқтисодиёт оғоз ёфт.

Олимони соҳа нишон додаанд, ки масъалаи бевосита ба қувваи истеҳсолкунанда табдил ёфтани илм ҳануз аз тарафи К. Маркс асоснок нишон дода шуда буд [5]. Ин раванд аз давраи дар мануфактураҳо (корхонаҳои бо истифодаи қувваи даст коркунанда) истифода намудани дастгоҳу мошинҳои худкор оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад.

Дар самти табдилёбии илм ба қувваи истеҳсолкунанда ва соҳаи самараноки истеҳсолот дар минтақаҳои дигари ҷаҳон ман маълумоти камтар доштам ва асосан аз маълумотҳои таи солҳои 70-80 уми асри гузашта дар СССР дастра шуда истифода намудам. Тибқи ин маълумотҳо дар ҳамон давра як рубли ба илм гузошта шуда аз 1 рубли ба соҳаи истеҳсолоти пешрави СССР - маҷмааи саноати ҳарбӣ гузошташуда дида, самараноктар будааст. Дар қарори яке пленумҳои Кумитаи марказии КПСС дарҷ шуда буд, ки як рубли ба академияи илмҳои Белорусия ва Украина гузошта шуда, 5 - 10 рубл даромад овардааст. Директори институти гидродинамикаи шӯъбаи Сибирии АФ СССР дар ҳамон давра қайд намуда буд, ки татбиқи яке аз кашфиётҳои институт (тариқи зарбаи мавҷӣ дӯхтани бадан ва қаноти самолётҳо дар корхонаҳои истеҳсоли самолётҳои авиатсияи шаҳрвандӣ), дар давоми 6-7 сол, тамоми хароҷоти барои сохтани Шаҳраки академия дар Новосибирск сарфшударо барзиёд баргардонидааст. Чунин мисолҳо хеле зиёд буданд.

Дар баробари ин, ақидаҳое ҳам ҷой доштанд, ки гуё истифодаи натиҷаҳои илму такмили воситаҳои истеҳсолот, ҷойҳои кориро ихтисор ва ба кор таъминкунии коргаронро душвор мегардонад

[6]. Ин ақида шаклан дурӯст аст, лекин дар ин ҷо айб дар илм набуда, дар сохтори иқтисодию сиёсии дар ҷомеа амалкунанда мебошад. Агар дар натиҷаи истифодаи илму технологияи пешқадам истеҳсолот самаранок шуда, ҷомеаро бо маводи зарурӣ таъмин карда метавониста бошад, шумораи коргаронро кам накарда рӯзҳои кории ҳафта ё соатҳои кории рӯзро кам карда, ҷойҳои кориро нигоҳ доштан мумкин аст. Дар чунин ҳолат вақти холии одамон зиёд ва барои рушди шахсиашон имкониятҳои бештар пайдо мешавад. Ҳоло дар баъзе кишварҳои пешрафта масъалаи гузаштан ба ҳафтаи кории 4-рӯза ё рӯзи кории 6-соата муҳокима ва амалӣ шуда истодааст[4].

Тавассути дастовардҳои илм боло бардоштани самаранокии истеҳсолоту иқтисодиёт ақидаи нав набуда, дар шаклҳои барои замонаашон мувофиқ, дар давлату кишварҳои гуногуни олам тибқи шароиту имкониятҳояшон баррасӣ ва амалӣ карда шудаанд. Имрӯзҳо, дар асри 21 соҳаҳои нави илму технология рӯйи кор омада, босуръат ба фаъолияти иқтисодию истеҳсолии ҷомеа ворид шуда истодаанд, ки сифату самаранокии истеҳсолотро кулан дигар карда метавонанд. Истифодаи наномаводҳо ва нанотехнология андозаи таҷҳизотҳои истеҳсолшавандаро ба тартиб хурд ва хосиятҳои истеҳсолотии онҳоро ба маротиб баланд мебардорад. Ҳоло масъалаҳои рақамикунонии иқтисодииёт ва зеҳникунонии технеологияи идоракунӣ ба масъалаи мубрами рӯз табдил ёфта, таҳқурсии сифатан нави фаъолияти иқтисодии ҷомеаро гузошта истодааст.

Дар ҳамин раванд якчанд ҷумларо аз маърузаи собиқ Президенти ИМА Борак Обама дар маҷлиси солонаи Академияи илмҳои ИМА 27 апрели соли 2009 бо номи “Илм имрӯз аз ҳарвақта дида зарууртар аст”, овардан шояд ҷолиб бошад:

- “Президент Авраам Линколн дар шароите, ки ҳануз буду набуди Федератсия маълум набуд, қарори таъсиси Академияи илмҳоро имзо намуда, аҳамияти онро аз аҳамияти роҳи оҳани шарқу ғарб камтар намедонист. Ӯ мегуфт: - ”Мо ба гулхани эҷодии пайғамбарони илм равғани ҳавасмандии иқтисодӣ рехта ба натиҷаҳои наву фоидаовар соҳиб хоҳем шуд”.

- “Имрӯзҳо дар озмӯнҳои фаннӣ аз математикаю физика мақоми пасттар гирифтани ҷавонони ИМА хатар ба рушди ИМА мебошад”.

- “ он рӯз дер нест, ки бо панелҳои офтобӣ ҳамчун ранг деворҳоро молида энергия ҳосил кунем.”

Ин нуктаҳоро бо он мақсад овардем, ки дар давлатдории ИМА аз оғоз ба мақоми илм дар рушди мамлакат диққати ҷиддӣ дода мешуд. Ҳато саҳми сатҳи дониши хонандагон дар ин ҷода масъалаи муҳим ҳисобида мешуд. Дар иқтибоси охир васеъ будани имкониятҳои илми муосир таъкид шудааст.

**Оид ба муносибати илму иқтисодиёт дар Тоҷикистон**. Ба фикри ман аҳамияти тавассути илм боло бардоштани иқтидори иқтисодию сиёсии кишвар барои давлатҳои хурду имкониятҳои камтари табиию иқтисодӣ дошта боз ҳам бештар аст. Ин мухтаво дар тамоми суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид карда мешавад. Таҳия ва қабули ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, эълони соли 2010 соли рушди маориф фарҳанги техникӣ, қабули барномаи давлатии “Бистсолаи рушд ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” мисоле аз чунин чорабиниҳо бо дастури Ҷаноби Олӣ мебошанд.

Илм, махсусан донишҳои илмии табиатшиносӣ-техникӣ байналмилалию умумиинсонӣ буда, соҳиб, миллат, нажот ва дину мазҳаб надоранд. Барои ҳамаи нафароне, ки онҳоро медонанду оқилона истифода менамояд, якхелаю содиқона хизмат менамоянд. Қонунҳои Нютон, ки дар Англия кашф шудаанд дар Тоҷикистон ҳам ҳамон гуна истифода шуда метавонанд. Бузургони мо ҳам гуфтаанд, ки:

Мардумони бохирад, дар ҳар замон,
Илму донишро бо ҳар гуна забон.
Гирд карданду гиромӣ доштанд
То ба каф андар ҳаме бигзоштанд...

Албата баъзе соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ мураккабу гаронарзиш буда, барои машғул шудан ба онҳо иқтисодиёти на ҳар гуна давлат имкон медиҳад. Масалан, ба роҳ мондани тадқиқот дар соҳаҳои энергетикаи ҳаставӣ, космонавтика ва ғайраҳо, ки иқтисодиёти пурқуввату маблағгузории калонро талаб менамоянд, алҳол барои якчанд кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дастрас мебошад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки таъсири иқтисодиёт ҳам ба илмҳои табиатшиносӣ-техникӣ калон аст.

[4]Лекин, як нуктаро шояд таъкид намудан зарур бошад. Илм ва махсусан илмҳои табиатшиносӣ - техникӣ бояд гуманӣ ва идорашаванда бошанд. Ҳоло имконяиятҳои таъсири иқтидори илмӣ-техникии инсоният ба табиат ба таъсири ҳодисаҳои геологию кайҳонӣ баробар шуда истодааст. Истифодаи нодуруст ё идоранашавандаи онҳо ба ҳастии худи инсон дар рӯйи Замин таҳдид менамояд.

Иқтисодиёти пурқувват илмро бо таҷҳизоту маводҳои зарурӣ таъмин намуда ба пешрафти он мусоидат менамояд.

Имрӯзҳо, барои ҷумҳурии кучаки мо, ки дар уқёнуси пур аз туфону туғёни ҷаҳони муосир киштии умеду орзӯҳои хешро ҷониби соҳилҳои баланди тамаддуни ҷаҳонӣ равона намудааст, чашм сӯйи гулхани илм андухта, такя ба бодбони хираду дониш намуда ба соҳили мақсуд расидан осонтару имконпазиртар аст. Барои ин яку якбора ба ҳалли масъалаҳои глобалии илми ҷаҳонӣ машғул шудан шарт нест. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки тавассути рушди илму технологияи дастрас ҳам сатҳи зиндагию иқтисодиёти кишварро боло бардоштан мумкин аст. Дар амалӣ намудани ин ҳадаф пеш аз ҳама фаъолияти мақсадноки тамоми ҷомеа, худшиносию донишмандии ҳар фарди ҷумҳурӣ зарур аст. Ба имкониятҳои зеҳнии худ бовар намуда, дастовардҳои илми ҷаҳониро омӯхта, захираю имкониятҳои табиию техникии мавҷударо шинохтаю самаранок истифода намуда, сатҳи зиндагиро баланд ва рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳуриро таъмин намудан мумкин аст. Барои тақвияти ин гуфтаҳо чанд ҷумларо аз Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар меоварем: - “Асри 21 – асри пешрафти илму техника ва технологияҳо мебошад. Мо дида истодаем, ки давлатҳои мутамаддину тараққикардаи дунё ба чӣ дастовардҳо ноил шуда истодаанд. Имрӯз онҳо аз офтоб барқ истеҳсол мекунанд. Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд”.

Дар ҳақиқат барои амалӣ намудани ҳадафҳои зикршуда фарзандони моро лозим аст, ки донишманду соҳибкасб, омӯзандаю эҷодкор бошанд, илму таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро омӯзанд, барои боло бардоштани сатҳи зиндагии худу ободии кишвар ва мақоми давлаташон дар ҷаҳон истифода намоянд[5]. Дар ин ҷода ягон кори саҳл нест. Аввалан ба имкониятҳои ақлонию зеҳнии худ боварӣ дошта, ҳамарӯза, ҳар соату ҳар дақиқаро тақдирсозӯ ҳалкунанда ҳисобида, дар пайи омӯзиши илму дониш будан мебояд. Тибқи насиҳати Низомии Ганҷавӣ

Дониш талабу бузурги омӯз
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.
Мекуш то ҳар варақ хонӣ
То маънои он тамом донӣ.
амал намояд.

Дар Тоҷикистони биҳиштосоӣ мо барои бо истифода аз дастовардҳои илму технология боло бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва мақоми иқтисодию сиёсии кишварамон дар арсаи ҷаҳон, захираю имкониятҳои зарурии табиию ақлонӣ мавҷуданд. Аввалан Тоҷикистон дорои захираи калони гидроэнергетикӣ мебошад, ки ҳанӯз 5% - и он ҳам истифода нашудааст. Зиёда аз 300 рӯзи ҷумҳурии мо офтобӣ буда, имкониятҳои ниҳоят калони истифодаи энергияи офтоб дастрас аст. Дигар манбаҳои маълуму маъмули энергия низ, кам нестанд.

Захираҳои бойи табии зеризаминӣ, масолеҳу сангҳои оришию сохтмонӣ, металлҳои нодиру ранга ва дигар канданиҳои фоиданок афзунанд. Фаққат мардуми худшиносу донишманд мебояд, ки ин имкониятҳои табиию техникиро омӯхта, мақсадноку самаранок истифода намояд ва сатҳи зиндагии худу мақоми давлаташро боло бардорад.

---

[5] Соли 1976 дар дараи варзоб, дар лагери пионерии “Чайка” Мактаби тобистона физикҳо, математикҳо ва химикҳои ҷавони Ҷумҳурӣ мегузашт. Дар он зиёда аз 200 нафар хонандагони беҳтарин аз ноҳияҳо иштирокчиёни даврӣ ҷумҳуриявии олимпиадаҳо аз физика. математика ва химия ҳам дарс мехонданду ва ҳам истироҳат мекарданд. Ровие аз радиои умумиттифоқии “Маяк” гуфт, ки Норвегия кишвари сахтиқлим буда ба боигарии асосиаш кӯҳҳои барфпӯш-захираи бойи гидроэнегетикӣ мебошад. Мардуми боҳунар дорад ва саноати энергияталабро рушд дода зиёда аз 20 сол сатҳи зиндагии мардумашро дар ҷаҳон дар ҷойҳои аввал нигоҳ доштааст. Ман дар ҷамъомад ба бачаҳо муроҷиат карда гуфтам, ки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон баробари Норвегия асту иқлимаш биҳиштосо. Фақат мардуми боҳунар лозим аст, ки онҳоро самаранок истифода намуда, сатҳи зиндагию мақоми кишварамонро дар арсаи ҷаҳон боло бардорад. Ана ҳамон мардуми боҳунарро бояд шумо ҷавонони болаёқати ҷумҳурӣ таъсис диҳед. Ҳоло ҳам дар ҳошияи ин мақола дар партави амалӣ намудани барномаи “ Бистсолаи рушди омӯзиши илмҳои табиатшиноси, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ҷавонони кишварамонро ба иҷрои ҳамин муроҷиат даъват менамоям

Сахми муассисаҳои илмию таҳсилотӣ, аз ҷумла Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ низ, дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар тавассути такя ба илму технологияи ҳозиразамон назаррасу арзанда буда метавонад. Барои ин худи муассисаҳои таҳсилотиро зарур аст, ки ҳар чи бештару тезтар масъалаи ба талаботи иқтисодии ҷумҳурӣ, ба имконияти табиию самтҳои афзалиятноки истеҳсолот мувофиқ кунонидани стандарту барномаҳои таълимӣ, мундариҷа ва мақсади корҳои илмӣ, сатҳу сифати омодакунии мутахассисони касбиро бо назардошти дастовардҳои илму технологияи ҷаҳонӣ, ба роҳ монанд. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз азал илмофару тамаддунсоз буданд ва имрӯзҳо ҳам мардуми шарифи Тоҷикистон дар ин ҷода мақому манзалати сазовори худро ёфта метавонад.

*Муқарриз: Шарофов Э.У. — и.в. дотсент., кафедраи «Фанҳои ҷомеашиносӣ» ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ*

## Адабиёт


1.Большая советская энциклопедия. в 30-ти т. – 3-е изд. – М.: Советская энциклопедия. - 1969 - 1986.

2.Анвари Абдурасул, Файзи Нормурод. Консепсияҳои табиатшиносии муосир. – Душанбе, ТГПУ им. К. Джураева. – 2002. – 163 с.

3.Горелов А.А. Концепции современного естествознания. / А.А. Горелов. – М.: “Центр”. - 2000. – 210 с.

4.Акилов М. Наука как непосредственная производительная сила совремённости. https://urfu.su/phd/philosofy/technical/question-22

5. Васильчук Ю.А. Диалектика производительных сил. Киев. - Знания. – 1971. - 112с.

6.Борьба между рабочим и машиной. К. Маркс. Капитал том1. Studfile.net>preview/3566188/page:59.

7. Ерхонзода, О.Е. Технологияҳои рақамӣ таърихи, рӯйдодҳо ва инноватсияҳо / О.Е. Ерхонзода // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2025. – No. 2(10). – P. 22-24. – EDN LBYFXJ.

8. Юнусов, Ф. М. Андешаҳои Абурайҳони Берунӣ доир ба солу рӯзи нав ва асосҳои илмии муқаррарнамудаи ӯ (бардошт аз “Осор-ул-боқия”-и Абурайҳон Берунӣ) / Ф. М. Юнусов, А. А. Раҷабов // Паёми политехникӣ Бахши: Техника ва ҷомеа. – 2024. – No. 2(6). – P. 19-23. – EDN SLQWPO.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОР-INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Абдурасулов Анвар Абдурасулович | Абдурасулов Анвар Абдурасулович | Abdurasudov Anvar Abdurasulovich |
| н.и.ф.-м., дотсент | к.ф.-м.н., доцент | candidate of Physical and Mathematical Sciences, associate Professor |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: anvary@ttu.tj | | |

УДК: 94 (35) DOI: 10.65599/TS5093

# ВАЗЪИ ИЛМ ДАР ХУРОСОНИ БУЗУРГ ДАР АСРИ XIII - НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIV

**А. Саидов**

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Дар мақола вазъи илм дар Хуросони Бузург дар асри XIII - нимаи аввали асри XIV мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натичаи истилои муғул ҳаёти илмӣ-фарҳангӣ дар Мовароуннаҳр рӯ ба таназзул оварда бошад ҳам, вале дар қисматҳои алоҳидаи Хуросон, эҳёи соҳаҳои гуногуни илм ба назар мерасид. Дар ин давра аз ҷониби олимон дар соҳаҳои мухталифи илм як қатор асарҳо эҷод гардида буданд. Аз ҷумла, аз ҷониби Насируддини Тӯсӣ дар соҳаи риёзиёт, ҳандаса, тиб, нуҷум, фалсафа, мантиқ, адабиёт ва ғайра зиёда аз 200 асар таълиф гардида буд. Илми ҷуғрофия ва назарияи адабиёт хеле рушд ёфта, дар таҳқиқи арӯз ва қофия ба забони тоҷикӣ асарҳои зиёд офарида шуданд. Дар ин давра махсусан таърихнигорӣ хеле инкишоф ёфта буд. Бештари асарҳои таърихии ин замон ба забони тоҷикӣ навишта шуда буданд. Инкишофи асарҳои таърихӣ, аз як тараф, бо анъанаҳои таърихнависии асрҳои гузашта робита дошта бошанд, аз тарафи дигар бо дастгирии ҳокимони муғул, ки мехостанд ба воситаи муаррихон ғалабаҳои ҷанги худро дар саҳифаҳои таърихӣ сабт намоянд, алоқаманд буданд.

***Калидвожаҳо:*** *илм, асар, олим, муаррих, риёзиёт, тиб, нуҷум, ҷуғрофия, таърихнигорӣ. муаллиф.*

# СОСТОЯНИЕ НАУКИ В ВЕЛИКОМ ХОРАСАНЕ В XIII - ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЕ XIV ВЕКА

**А. Саидов**

В статье рассматривается состояние науки в Великом Хорасане в XIII-первой половине XIV века. Хотя научная и культурная жизнь в Мавераннахре в результате монгольского завоевания, пришла в упадок, в некоторых регионах Хорасана наблюдалось возрождение различных отраслей науки. В этот период учеными были созданы ряд работ в различных областях науки. В частности, Насируддин. Туси написал более 200 работ в области математики, геометрии, медицины, астрономии, философии, логики, астрологии, литературы и т.д. Значительно развились география и литературоведение, а также создано множество работ, посвященных изучению рифмы и стихосложения на таджикском языке. В этот период особенно развилась историография. Большинство исторических трудов того времени были написаны на таджикском языке. Развитие исторических трудов, с одной стороны, было связано с историографическими традициями прошлых веков, а с другой - с поддержкой монгольских правителей, которые стремились запечатлеть свои военные победы на страницах истории с помощью историков.

***Ключевые слова:*** *наука, произведение, учёный, историк, математика, медицина, астрономия, география, историография, автор.*

# THE STATE OF SCIENCE IN GREATER KHORASAN IN THE 13TH AND THE FIRST HALF OF THE 14TH CENTURY

**A. Saidov**

This article examines the state of science in Greater Khorasan during the 13th and the first half of the 14th century. Although scientific and cultural life in Transoxiana declined as a result of the Mongol conquest, certain regions of Khorasan witnessed a revival in various branches of scholarship. During this period, scientists created a number of works in various fields of science. In particular, Nasir al-Din Tusi authored more than 200 works in mathematics, geometry, medicine, astronomy, philosophy, logic, astrology, literature, and other disciplines. Geography and literary studies experienced significant development, and numerous works were devoted to the study of rhyme and prosody in the Tajik language. Historiography flourished especially during this period. The majority of historical works of that time were written in Tajik. The development of historical writing was connected, on the one hand, with the historiographical traditions of previous centuries and, on the other hand, with the patronage of the Mongol rulers, who sought to record their military victories in the pages of history through the work of historians.

***Keywords:*** *science, work, scientist, historian, mathematics, medicine, astronomy, geography, historiography, author*

## Сарсухан

Истилоҳи ҷуғрофиёии «Хуросон» аз ду таркиб: «xvar» - хуршед, «āsāna» - «бармадгоҳ», «хостгоҳ», «тулӯъ» иборат аст ва онро сарзамини тулӯи Хуршед ё самтҷое, ки Хуршед боло меравад, метавон гуфт. Илова намудани вожаи «бузург» ба исми сарзамини Хуросон пеш аз ҳама ба ҳадафи фарқ кардани ин сарзамин аз вилояти ҳамноми он - Хуросон, дар шарқи Эрон аст, ки дар он танҳо ҳудуди ниме аз бахши шарқии Хуросони Бузурги таърихӣ ҷойгир аст. Вожаи «бузург» ҳамчунин барои ташхиси мафҳуми ҷуғрофиёи густурда гузошта шуда, номи Хуросони Бузург барои тавсифи як минтақаи бузургтар истифода мешуд, ки он дар шимол аз Варорӯд: Суғду Хоразм то баҳри Хазар, дар самти ҷануб то биёбони Систон ва дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш доман мегустарид.

Дар асри XIII - нимаи аввали асри XIV дар натичаи истилои муғул ҳаёти илмӣ-фарҳангӣ дар Мовароуннаҳр рӯ ба таназзул оварда буд, вале дар қисматҳои алоҳидаи Хуросон, махсусан дар қисми ҷанубу ғарбии Эрон ва Осиёи Хурд дар натиҷаи вазъи нисбатан устувори сиёсӣ-иқтисодӣ эҳёи баъзе соҳаҳои гуногуни илм чун фалсафа, риёзиёт, нуҷум, ҷуғрофия, космография, таърих ва дигар илмҳои дақиқ ва инсонӣ ба назар мерасад.

Дар ин давра аз ҷониби олимон дар соҳаи илмҳои дақиқ як қатор асарҳо офарида шуданд. Яке аз олимони маъруфи ин давр Муҳаммад ибни Абуҷаъфар Насируддини Тӯсӣ (1201-1274) ба шумор мерафт, ки шӯҳрати ӯ дар гӯшаву канори мамлакат ва берун аз он паҳн гардида буд. Насируддини Тӯсӣ

дар соҳаҳри мухталифи илм зиёда аз 200 асар навиштааст. Ӯ дар Мароғa расадхона таъсис дод, ки он ба маркази бузургтарини таҳқиқотҳои илми риёзӣ ва нуҷум табдил гардид. Бо роҳбарии Насируддини Тӯсӣ бисёре аз олимони тоҷик ва мамолики мухталиф гирд омада, машғули фаъолияти илмӣ шуданд. Насируддини Тӯсӣ зимни роҳбарии илмӣ худаш низ кори пурсамаре анҷом дода, оид ба фалсафа, мантиқ, риёзиёт, илми ҳайат ва нуҷум, таърих ва адабиёт китобҳои зиёдеро бо забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Насируддни Тӯсӣ дар соҳаи илми ситорашиносӣ асарҳои зиёде ба мисли «Зичи Элхонӣ», «Тазкираи Носирийа», «Тазкира фӣ-л-ҳайъа», «Бист боб дар устурлоб», «Зубдату-л-ҳайъа», «Мадхал дар илми нуҷум», «Рисола дар тақвим ва ҳаракати афлок», «Ихтиёроти Хоҷа Насируддин», «Сӣ фасл дар тақвим» ва ғайра навиштааст. Ӯ ин асарҳоро дар асоси мушоҳидаҳояш дар расадхонаи Мароғa эҷод намудааст. Аз ҷумла, дар асари «Ихтиёроти Хоҷа Насируддин», ки қисман ба таври назм навишта шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки дар зери чи гуна омезиши бурҷҳо барои ноил шудан ба комёбӣ ҳар кореро анҷом додан мумкин аст. Инчунин дар ин рисола дар бораи рӯзҳои мухталифи моҳ, ки дар он ситораи бадбахт тулӯъ менамояд ва аз он бояд парҳез кард, маълумот медиҳад [1; 12].

Ӯ дар соҳаи илми риёзиёт ва ҳандаса асарҳои «Рисолаи ҷабру қадар ё ҷабру ихтисор», «Ҷомиъу-л-ҳисоб», «Таҳрири усули алҳандаса», «Шаклу-л-қитъа» ва ғайраро таълиф дода, дар онҳо тасвири мухтасари унсурҳои ҳандасаи Эвклидро (асри III пеш аз милод) оварда, назарияи хатҳо ва нисбатҳои мутавозиро инкишоф додааст ва тригонометрияро ба илми мустақил мубаддал намуда, бо ин барои пайдоиши геометрияи ғайриэвклидӣ шароит фароҳам овардааст.

Насируддини Тӯсӣ дар илми тиб ҳам як қатор асарҳо офаридааст ба мислӣ: «Қавонину-т-тиб», «Ҳавоши бар куллиёти «Қонуни Буалӣ», «Ҳалли мушкилоти «Қонун»-и Бӯалӣ» ва ғайра, ки дар онҳо бисёр масъалаҳои баҳсталаби илми тибро шарҳу эзоҳ дода, ба онҳо равшанӣ андохтааст.

Аз ҷониби олим Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Умар ал-Чағминӣ (ваф. назд. 1220) дар соҳаи илми нуҷум асари «ал-Мулаххас фӣ-л-ҳайъа» навишта шуд, ки он аз муқаддима ва ду мақола иборат аст. Мақолаи аввал «Фӣ баёни-л-афлок ва мо ятаъалақ биҳо» («Дар баёни афлок ва он чӣ ба он тааллуқ дорад») ном дошта, аз панҷ боб иборат аст. Мақолаи дуюм «Фӣ-л-арз ва мо ятаъалқ биҳо» («Дар бораи замин ва он чи ба он тааллуқ дорад») унвон дошта, аз се боб иборат аст. Дар матни асар нақшаҳои астрономӣ оварда шудаанд [6]. Аз ҷониби ҳамин муаллиф дар соҳаи тиб асари дигере зери унвони «ал-Қонунча фӣ баёни илми тиб» таълиф гардид, ки дар он аз асари маъруфи Ибни Сино «ал-Қонун фӣ-т-тиб» иқтибосҳои мухтасар оварда шудааст. Китоб аз даҳ боб иборат буда, дар он аз асари Ибни Сино маълумотҳои асосии тиббӣ ҷой дода шудаанд [12].

Қутбуддин Маҳмуд ибни Масъуд ибни Муслиҳ аш-Шерозӣ (ваф. 1310), ки яке аз шогирдони Насируддини Тӯсӣ ба шумор мерафт, дар соҳаҳои ситорашиносӣ, риёзиёт ва тиб як қатор асарҳо навиштааст. Асарҳои ӯ «Дуррату-т-тоҷ ли ғуррати-д-Дибоҷ», «Ниҳойату-л-идрок фӣ диройати-л-афлок», «ат-Туҳфа аш-шоҳийа фӣ-л-ҳайъа», «Зиҷи султонӣ», «Фи-л-ҳандаса», «ат-Туҳфа ас-Саъдийа фӣ-т-тиб» ва ғайра ба шумор меравандо. Ӯ дар соли 1291 доир ба тафсири ҷилди якуми «ал-Қонун»-и Ибни Сино асареро зери унвони «Куллиёт» таълиф намуд, ки он масъалаҳои умумии тибиро дар бар гирифта, ба чор қисм ҷудо карда шудааст ва қисми охири он аз 31 қисмат иборат аст [6; 1].

Аз ҷониби олими тоҷик Абуҳомид Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар Наҷибуддин ас-Самарқандӣ (ваф. 1222) дар соҳаи тиб асаре зери унвони «Усул тарокибу-л-адвийа» навишта шудааст, ки он аз аз муқаддима ва 19 боб иборат буда, дар бораи тарзи омода намудани доруҳо ва таркиби онҳо баҳс менамояд [12].

Ба қалами Низомуддин ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ал-Аъраҷ ал-Қумӣ ан-Нишопурӣ (ваф. 1310), ки ӯ низ аз зумраи шогирдони Насируддини Тӯсӣ аст, асарҳои «ар-Рисола аш-шамсийа фӣ-л-ҳисоб» ва «Шарҳи си фасл фӣ маърифати-т-тақвим» тааллуқ доранд. Асари «ар-Рисола аш-шамсийа фӣ-л-ҳисоб» ба илми риёзиёт бахшида шуда аз пешгуфтор ва ду боб иборат аст ва ҳар боби он дар навбати худ аз чанд зербобҳо иборат аст. Дар поварақҳо ҷадвалҳо ва нақшаҳо оварда шудаанд [6; 12].

Яке аз олимон намоёни асри XIII-нимаи аввали асри XIV Муҳаммад ибни Маҳмуд ал-Омулӣ дар солҳои 1336-1342 асари энсиклопедиеро зери унвони «Нафоису-л-фунун фӣ ароиси-л-уюн» таълиф намудааст. Ӯ дар муқаддимаи асар таснифоти муфассали илмҳои назарӣ ва амалии замони худро овардааст. Дар ин китоб зиёда аз сӣ соҳаи илм ва тақрибан саду панҷоҳ шохаҳои гуногуни он зикр гардидааст. Аз ҷумла, ӯ илми тибро ба ҳафт шоха, илмҳои риёзиро ба сездаҳ фан (ҳар фан боз ба шохачаҳо ҷудо мешавад), адабиётро ба дувоздаҳ фан ва ҳоказо тақсим кардааст [1].

Аз тарафи Шарафуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Масъудӣ дар солҳои 1246-1283 ба забони арабӣ китобе дар илми ҳайат (космогония) зери унвони «Китобу-л-кифоя фӣ-л-илми-л-ҳайат» навишта шудааст ва худи муаллиф онро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, ба он «Ҷаҳони дониш» ном гузоштааст [1].

Дар ин давра аз ҷониби олимон дар соҳаҳои мухталифи илмҳои дақиқ, аз ҷумла дар соҳаи риёзиёт ва ситорашиносӣ як қатор асарҳо офарида шуданд, ки номгӯи онҳо дар асари Матвиевская Г.П. ва Розенфельд Б.А. «Математики и астрономы мусульманского средневековья и их труды (VII-XVII вв.) [6] оварда шудааст.

Дар соҳаи илми ҷуғрофия низ дар ин давра як қатор асарҳо таълиф гардиданд. Аз ҷумла, аз ҷониби яке аз намояндаи забардасти адабиёти космографӣ, ҷуғрофидону муаррихи маъруф Имодуддин Закариё ибни Маҳмуди Қазвинӣ (1203-1283) асарҳои «Аҷоибу-л-махлуқот ва ғароибу-л-мавҷудот», «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод» ва ғайра навишта шуданд, ки дар баррасии ахбори ҷуғрофӣ ва ҳодисоти таърихӣ нақши муҳим доранд.

Дар «Аҷоибу-л-махлуқот ва ғароибу-л-мавҷудот» дар бораи ҷирмҳои осмонӣ ва мавҷудоти заминӣ маълумот дода мешавад. Муаллиф дар асари худ тибқи тасаввуроти табиатшиносию илмии замон се шакли мавҷудоти табиат: органикӣ, ғайриорганикӣ ва набототу ҳайвонотро шарҳу эзоҳ медиҳад. Қисмати космографии асар комёбиҳои асосии табиатшиносӣ ва гуманистии Шарқи асримиёнагиро ҷамъбаст менамояд.

Муаллиф дар «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод» оиди шаҳрҳо, баҳрҳо, дарёҳо, кӯлҳо, ҷазираҳо ва амсоли онҳо маълумот оварда, дар бораи ашхоси маъруф, аз ҷумла шоирони форсизабон, маълумоти нодири тарҷумаҳолӣ медиҳад. Асарҳои Закариё ибни Маҳмуди Қазвинӣ дар инкишофи адабиёти космографии давраи минбаъдаи араб нақши босазое гузоштаанд [7].

Соли 1214 аз ҷониби ҷуғрифодони балхӣ Сафиуддин Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ба забони арабӣ дар бораи ҷуғрофия ва таърихи Балх китоби махсусе навишта шуд. Дар он дар бораи таърихи таъсиси шаҳр, ҷойҳои муқаддас ва дидании он, боғу ҷӯйҳо, ашхоси маъруф, урфу одат ва амсоли он маълумоти нодир гирд оварда шудааст. Соли 1277 шахси номаълуме аз рӯи дастхати худи муаллиф онро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Дастнависи тарҷумаи ин асар дар китобхонаи Миллии Париж маҳфуз аст [2].

Олими дигари ҷуғрофидон Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон барои Муҳаммад Хоразмшоҳ (1200-1220) асари «Ҷаҳоннамо»-ро бо забони тоҷикӣ иншо намуд, ки дар он дар бораи ҷуғрофияи Мовароуннаҳр маълумоти зиёд ҷой дода шудааст.

Дар ин давра дар масъалаҳои назарияи адабиёт, махсусан дар таҳқиқи арӯз ва қофия ба забони тоҷикӣ асарҳои зиёд офарида шуданд. Намунаи беҳтарини асари ба назарияи адабиёт бахшидашуда китоби Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ «ал-Муъҷам фӣ маойири ашъори-л-Аҷам» («Мухтасаре дар таҳқиқи шеъри форсӣ») мебошад, ки муаллиф дар он оид ба илми арӯз, қофия ва санъатҳои бадеӣ маълумот додааст. Асар аз ду қисм иборат аст: қисми аввал «Дар фанни арӯз» ва қисми дуюм «Дар маърифати қавофӣ ва илми шеър». Мавзӯи китоб доир ба се қисми назарияи адабиёт баҳс менамояд: а) вазни шеър; б) қофия, хел ва хусусиятҳои он; в) санъатҳои бадеӣ ва жанрҳои назм. Асари Шамси Қайси Розӣ ҳам аз ҷиҳати доираи мавзӯъ ва ҳам аз ҷиҳати тафсилоти баҳсу таҳқиқоти худ дар таърихи илми адаб ва бадеи классикӣ аз асарҳои ҷомеътарин ба шумор меравад [1]. Ба қалами Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ғайр аз «ал-Муъҷам» боз ду асари дигарро нисбат медиҳанд: «Ал-кофӣ фӣ-л-арузайн ва-л-қавофӣ» ва «Ҳадоиқу-л-Муъҷам».

Ба қалами Ҳусайнии Қазвинӣ, ки муддате дар хидмати вазирони элхонӣ буд, асари «Ат-тарассулу-н-Нусратийа» мансуб аст. Дар ин асар масъалаҳои фанни иншо, мартабаи сухан, сабк ва услубҳои адабӣ баён гардидаанд.

Дар замони мавриди таҳқиқ илми таърихнигорӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Асарҳои таърихии дар асри XIII-нимаи аввали асри XIV таълифгашта, дар ҳаёти маданию маърифатии халқи тоҷик яке аз ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки бештари асарҳои таърихии дар ин давра таълифгашта, ба забони тоҷикӣ навишта шуда, дар онҳо нисбат ба асарҳои давраҳои қаблӣ дигаргуниҳои куллӣ ба чашм мерасанд.

Муаррихони ин давра бо ҳаёти гузаштаи халқҳои туркнажод, муғул, хитоӣ ва бо таърихи мамолики Аврупо шиносоӣ пайдо намуда, бисёр ҳуҷҷату санадҳо ва китобҳои таърихӣ дастраси онҳо гардида буданд. Инкишофи таърихнигорӣ, аз як тараф, бо анъанаҳои таърихнависии асрҳои гузашта робита дошта бошанд, аз тарафи дигар бо дастгирии ҳокимони муғул, ки мехостанд ба воситаи муаррихон ғалабаҳои ҷангӣ ва шӯҳрати “кишваркушоиҳои” худро дар саҳифаҳои таърихӣ сабт намоянд, алоқаманд буданд [1]. Шумораи асарҳои таърихие, ки ба истилои муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон марбутанд, хеле сершумор буда, қисме ба забони арабӣ ва бештаре ба забони тоҷикӣ навишта шудаанд.

Дар асарҳои муаррихоне, ки дар хидмати хонҳои муғул буданд ва ё бо дарбори онҳо алоқамандӣ доштанд, руҳи муғулдӯстӣ равшан намоён аст. Ин муаллифон “фатҳу зафарҳои” истилогаронро таърифу тавсиф карда, аз даҳшату бадкирдориҳои онҳо чашм мепӯшиданд ва ё ин ваҳшониятро бо

оҳанги нарму тамаллуқкорона тасвир менамуданд. Ин руҳи муғулдӯстӣ, махсусан, дар асарҳои Рашидуддин, Ҷувайнӣ, Вассоф, Банокатӣ, Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ ба хубӣ ҳис карда мешавад [1].

Яке аз муаррихони маъруфи ин давр Шиҳобуддини Насавӣ (ваф. тахм. 1249) ба шумор меравад. Насавӣ дар девони Ҷалолуддин Муҳаммади Манкубарнӣ ба сифати муншӣ кор карда, дар лашкаркашиҳои ӯ бевосита иштирок намудааст. Пас аз ҳуҷуми муғул дар соли 1221 ӯ ҳокими Хурандиз таъйин мешавад.

Таърихномаи ӯ «Сирати Ҷалолуддини Менкубарнӣ» ном дошта, бо забони арабӣ иншо гардидааст. Ин китоб дар маърифати ҳаводиси авохири ҳукумати Хоразмшоҳиён, ҳуҷуми муғул ва муборизаҳои қаҳрамононаи Ҷалолуддини Хоразмшоҳ ва мардумони ин сарзамин алайҳи муғулон яке аз сарчашмаи муҳим ба шумор меравад. Бисёре аз ахбори замони муғулро танҳо аз ин китоб дастрас кардан мумкин аст. Аҳамияти бештари асари мазкур дар он аст, ки муаллиф аз шоҳидон ва ширкаткунандагони ҳаводиси таърихии ин китоб аст [7; 10].

Муаррихи дигари ин замон Абу Умар Минҳоҷуддин Усмон ибни Сироҷуддин Муҳаммади Ҷузҷонӣ, маъруф ба Қозӣ Минҳоҷи Сироҷ (1193 - пас аз 1259) ба шумор рафта, нависандаи бузург, шоир ва қозии давлати Ғуриёни Ҳинд буд. Муаллиф  ҳангоми ҳуҷуми муғул бевосита бо онҳо рӯ ба рӯ шуда, дар муҳорибаҳо иштирок кардааст. Асари маъруфи Ҷузҷонӣ «Табақоти Носирӣ» [5] бо забони тоҷикӣ таълиф гардида, муаллиф онро дар солҳои 1257-1260 ба номи султони Деҳлӣ Носируддини Маҳмудшоҳ навиштааст. Китоб дар шакли таърихи умумиҷаҳонӣ навишта шуда, аз 23 табақот (боб) иборат аст ва дар бораи таърихи ҳукмронии сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Дайламиён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, ҳокимони Курт, Хоразмшоҳиён, Ғуриён, султонҳои Деҳлӣ ва ҳуҷуми муғул маълумот медиҳад. Қисми зиёди китобро таърихи Ғуриён ва ҳуҷуми муғул дар бар мегирад [7].

Азбаски Ҷузҷонӣ дар хидмати шоҳони ғурӣ буда, аз ҳодисаҳои дар Хуросон сарзада огоҳии хуб дошт, онҳоро дар асари худ ба таври муфассал  баён менамояд. Ҷузҷонӣ дар дифои яке аз қалъаҳо бевосита иштирок намудааст. Ӯ соли 1227 ба Ҳиндустон рафта, пас аз чанде вазифаи қозикалонро иҷро мекунад ва соли 1260 дар он ҷо китоби худро менависад [2]. Китоби мазкур дар омӯзиши таърихи давлатҳои исломии Ҳиндустон сарчашмаи бебаҳост, зеро аз соли 1226 то охири умр муаллиф, ки худ дар корҳои баланди қонунгузорӣ ва қозигии ин давлату ҳукуматҳо иштирок дошт ва борҳо ба сифати сафир ба давлатҳои минтақа сафар кардааст, қариб ҳамаро бо чашми сар мушоҳада намуда, батафсил аз онҳо навиштааст [7].

Муаррихи дигари маъруфи ин давр Атомалики Ҷувайнӣ (1226-1283) ба шумор меравад. Ба қалами Ҷувайнӣ асари маъруфи таърихие зери унвони «Таърихи Ҷаҳонкушой» [4] тааллуқ дорад, ки он аз се ҷилд иборат аст. Ҷилди аввали он ба таърихи муғулҳо ва забткориҳои онҳо дар Хуросони Бузург, то воқеаҳои замони пас аз марги Гуюкхон рӯйдода, инчунин дар бораи авлодони Ҷуҷӣ ва Чағатой бахшида шудааст. Дар ҷилди дувум дар бораи таърихи салотини Хоразмшоҳиён, муборизаи онҳо бо муғулон, таърихи хонҳои муғул ва ноибони онҳо бо такя бар манобеи таърихии мухталиф маълумот оварда шудааст. Ҷилди сеюм дар бораи Ҳулокухониҳо ва ибтидои ҳукумати онҳо дар Хуросон, корҳои Ҳасан ибни Саббоҳ, аҳволи Рукнуддин Хоразмшоҳ баъд аз вафоти падараш ва интиҳои кори ӯ маълумот медиҳад. Муаррихон ҳангоми таҳқиқу баррасии таърихи муғулони чингизӣ ахбори таърихии ӯро ҳамеша дар ҷойи аввал мегузоранд [2; 7; 10].

Ҷамол Қаршӣ (асри XIII-ибтидои асри XIV) аз зумраи муаррихони маъруфи тоҷик ба шумор меравад. Ба қалами ӯ асари «Мулҳақоту-с-Суроҳ» тааллуқ дорад, ки дар он дар бораи сулолаҳои Сомониён, Қарохониҳо, Салҷуқиҳо, Хоразмшоҳиён ва истилои муғул маълумоти фаровоне вуҷуд дорад. Муаллиф бисёр ҳодисаҳоеро овардааст, ки худи ӯ дар онҳо бевосита ширкат намудааст. Дар ин асар инчунин оид ба шаҳрҳои Мовароуннаҳру Туркистони Шарқӣ маълумоти нодир оварда шуда, муаллиф мушоҳидаҳои худро қайд кардааст. Дар ин асар инчунин маводи зиёди пурарзиш доир ба ашхоси маъруфи он замон ва вазъи фарҳангию таърихӣ гирд оварда шудааст.

Арзиши ин маъхаз қабл аз ҳама дар он аст, ки муаллиф зодаи Мовароуннаҳр буда, ҳамаср ва шоҳиди воқеаҳои баёнгардида мебошад. Ҷамол Қаршӣ бо хонадони ҳокими замон наздикӣ дошт ва онҳо аз ӯ пуштибонӣ мекарданд. Дар асари Ҷамол Қаршӣ «Мулҳақоту-с-Суроҳ» дар бораи Чингизхон ва писарони ӯ, истилои шаҳрҳои Мовароуннаҳр аз ҷониби муғулҳо, ворисони Чингизхон маълумоти муҳим ва нодир зикр шудааст. “Мулҳақоту-с-Суроҳ” ягона асари таърихиест, ки дарзамони истилои муғул дар ҳудуди Мовароуннаҳр таълиф гардидааст.

Яке аз муаррихон ва сиёсатмадорони шинохтаи ин давр Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳ ибни Имодуддавла Абулхайри Ҳамадонӣ (тахм. 1247 - 1318) ба шумор меравад. Асари маъруфи ӯ «Ҷомеъу-т-таворих» [9] унвон дошта, аввалин таърихи бузурги умумиҷаҳонӣ аст, ки баъд аз он дар олами ислом чунин шакли таърихнависӣ марсум шуд. Ӯ дар навиштани асарҳои таърихияш аз тамоми сарчашмаҳои

маълуми замон, ки роҷеъ ба ҳар давлату ҳар мардум буданд, гирд овард ва як идда уламои таърихро аз Ҳиндустон, Хитой ва Аврупо ба маркази давлати Элхонӣ даъват кард, ки онҳо дар навиштани таърихи халқҳову мамлакатҳои худ ба ӯ кумак карданд. Яке аз хусусиятҳои хоси ин асар дар он аст, ки муаллиф тавонист аз ҳуҷҷат ва санадҳои ҳокимони муғулӣ, ки ба дигарон дастнорас буд, истифода карда, мазмуни асари худро пурғановат гардонад. Дар натиҷа дар асоси ин маълумотномаҳо таърихномаи бузурги худро бар чаҳор ҷилд тартиб дод. Ӯ дар таърихнигории умумиҷаҳонӣ чунон пояи устувор гузошт, ки баъд аз ӯ натанҳо муаррихини эронӣ, балки бисёр донишмандони мамолики дигар низ аз ӯ пайравӣ карданд.

Дар «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ таърихи зуҳури ақвоми турку муғул, насаби сулолаҳои ҳукмрони онҳо, таърихи аҷдоди чингизиён ва ба сари қудрат омадани Чингизхону писарони ӯ ва авлоди онҳо, забткориҳои чингизиён, мамолики фатҳнамудаи онҳо, таърихи мухтасари давлатҳои муосири Чингизхон аз Чин то Руму Миср, таърихи қабилаҳои мухталиф, тасвири ҷуғрофии олам ва дигар ахбори муҳим ба таври муфассал баён гардидааст.

Академик В.В. Бартолд ба ин асари Рашидуддин баҳо дода менависад, ки асари Рашидуддин як энсиклопедияи бузурги таърихие буд, ки дар қуруни вусто намояндаи ягон халқи Осиё ва Аврупо мисли онро надошт [2].

Ба қалами ин муаллиф «Мукотиботи Рашидӣ» низ мансуб аст, ки он 53 мактубро дар бар мегирад. Дар онҳо масъалаҳои молиёт, беҳбуд бахшидан ба вазъи иқтисодии кишвар, ободонии мамлакат, коҳиш додани бори андози деҳқонон, ба низом овардани андозбандии аҳолӣ, муҳофизати онҳо аз зулми ашрофи кӯчии ҳарбии муғулу турк,барқарорсозии дастгоҳи мансабдорони молиявӣ ва амсоли он дарҷ гардидаанд [8, 2, 7, 10].

Таърихнигори дигари ин давр Абдуллоҳ ибни Фазлуллоҳ маъруф бо тахаллуси Вассоф (1265-1330) буд, ки баъдтар бо номи Ҳазрати Вассоф машҳур гардид. Ба қалами ӯ асари «Таърихи Вассоф» [3] тааллуқ дорад, ки он аз панҷ ҷилд иборат буда, манбаи асосии он асарҳои Ҷувайнӣ, Рашидуддин, ҳуҷҷатҳои расмӣ, мушоҳидаҳои шахсӣ ва нақли шоҳидони воқеаҳо буданд. Дар ин китоб доир ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асри XIII-нимаи авали асри XIV маълумоти зиёд ҷой доранд, ки пайдо кардани онҳо дар маъхазҳои дигар амри муҳол аст [2, 8, 7,10].

Муаррих ва олими дигари ин замон Сайф ибни Муҳаммад ибни Яъқуб маъруф ба Сайфи Ҳиравӣ (1282 – пас аз 1321) аз шоири маъруфи дарбори Куртҳои Ҳирот буд ва асаре бо номи «Таърихномаи Ҳирот» («Таърихи мулуки Курт») [11]-ро навишт. Ин асар яке аз таърихномаҳои пурарзиш дар таърихи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ба шумор меравад. «Таърихномаи Ҳирот» дар зикри воқеоти таърихии давлати оли Курт воқеъан ҳам беназиру ягона аст [7, 10].

Дар ин давра муаррихони зиёди дигаре аз қабили Абулфазл Муҳаммади Банокатӣ, Абулқосим ибни Муҳаммади Кошонӣ, Абубакри Шабонкорaӣ, Ибни ал-Фуватӣ, Муаллими Яздӣ, Абубакри Аҳарӣ, Маҳмуд Катибӣ ва ғайраҳо низ фаолият дошта, асарҳои таърихӣ офарида буданд.

## Хулоса

Дар натиҷаи истилои муғул аҳолӣ қашшоқ гашта, шаҳру деҳот ва вилоёти Хуросони Бузург рӯ ба харобӣ оварда бошад ҳам, шуълаи илму маърифат дар ин сарзамин хомӯш нагашт ва аз ҷониби олимону мутафаккирон дар соҳаҳои мухталифи илм асарҳои ҷовидона эҷод гардиданд.

*Муқарриз: Шарофов Э.У. — дотсенти кафедраи «Фанҳои ҷомеашиносӣ» ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ*

## Адабиёт


1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум. Муҳаррири масъул. Расул Ҳодизода. Душанбе: Дониш, 1976. -346 с.

2. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия / В.В. Бартольд. – Соч. Т. I. Москва, 1963. -763 с.

3. Вассоф. Китоби мустатоби Вассоф ал-ҳазрат (Таърихи Вассоф). Ба эҳтимоми Муҳаммад Маҳдии Исфаҳонӣ матбуъ гардид./ Вассоф. Ҷ. I-V. Теҳрон, 1338 ҳ.х. -708 с.

4. Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалик Муҳаммад Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонкушой. Теҳрон, 1399 ҳ.х. -1016 с.

5. Ҷузҷонӣ, Минҳоҷиддин ибни Сироҷиддин. Табақоти Носирӣ. Чопи сеюм. Кобул: Бунёди фарҳангии ҷаҳондорони Ғурӣ, 1391 ҳ.х. -649 с.

6. Матвиевская Г.П., Розенфельд Б.А. Математики и астрономы мусульманского средневековья и их труды (VII-XVII вв.). Т.II. Москва:/ Г.П. Матвиевская, Б.А. Розенфельд Наука, 1983. -650 с.

7. Ҳамза Камол, Абдуқаҳҳор Саидов. Маъхазшиносӣ. Душанбе: Ганҷи хирад, 2023. -311 с.

8. Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране. XIII-XIV веков./ И.П. Петрушевский. Москва-Ленинград, 1960. -492 с.

9. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Ҷилдҳои 1-4. Ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Равшан Мустафо Мусавӣ. Теҳрон: Албурз, 1373 ҳ.х. -3174 с.
10. Саидов А. Вазъи сиёсии Хуросони Бузург ва Эрон дар асри XIII-нимаи аввали асри XIV. Душанбе, 2025. -628 с.
11. Сайф ибни Муҳаммад ибни Йаъқуб ал-Ҳиравӣ. Таърихномаи Ҳирот. Мусаҳҳеҳ Ғуломмирзо Таботабоӣ. Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.х. -800 с.
12. Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР. Т. VI. Ташкент, 1963. -689 с.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОР-INFORMATION ABOUT AUTHOR



| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Саидов Абдуқаҳҳор | Саидов Абдукаххор | Saidov Abdukakhor |
| д.и.т., профессор | д.и.н., профессор | Doctor of Historical Sciences, professor |
| Сарходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ | Главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ | Chief researcher at the Institute of History, Archeology and Ethnography of the National Academy of Sciences of Tajikistan named after. A. Donish |
| E-mail: Saidov.45@mail.ru. | | |

УДК: 378 DOI: 10.65599/TS4242

# АРЗЁБИИ НУФУЗИ ИЛМӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ДАР БОЗОРИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ БО ИСТИФОДА АЗ ИНДЕКС ХИРШ

**А.А Мамадаёзова**

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Мақола ба таҳлили сохтори бозори таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии сатҳи тамаркузи он бо истифода аз индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI) бахшида шудааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бозор дар буриши минтақавӣ дорои дараҷаи баланди мутамарказшавӣ буда, нуфузи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, хусусан дар пойтахт, афзалиятнок мебошад. Ин вазъ рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои таълимӣ, имкониятҳои рушди муассисаҳои минтақавӣ ва самаранокии идоракунии бозорӣ ва стратегиро маҳдуд месозад. Дар баробари ин, мақола таҳлили динамикаи индекси Ҳиршро дар ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳҳо дар солҳои 2015–2023 пешниҳод мекунад. Тағйироти афзоишёбандаи нишондиҳандаҳо аз беҳтаршавии фаъолияти илмӣ, такмили идоракунии илмӣ, афзоиши иқтидораи кадрӣ ва рушду таҳкими рақобатпазирии академӣ шаҳодат медиҳад.

***Калидвожаҳо:*** *Бозори таҳсилоти олӣ; индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI); тамаркузи бозор; рақобат; идоракунӣ, идоракунии рақобатпазирӣ, индекси Ҳирш; маҳсулнокии илмӣ; донишгоҳҳои минтақавӣ; Донишгоҳи давлатии Хоруғ; наукометрия; фаъолиятҳои нашриётӣ.*

# ОЦЕНКА НАУЧНОГО ПОТЕНЦИАЛА И КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ХОРОГСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА НА РЫНКЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНДЕКСА ХИРША

**А.А. Мамадаёзова**

Статья посвящена анализу структуры рынка высшего образования в Республике Таджикистан и оценке уровня его концентрации с использованием индекса Херфиндаля–Хиршмана (HHI). Полученные результаты показывают, что рынок в региональном разрезе характеризуется высокой степенью концентрации, при этом влияние учреждений высшего образования, особенно расположенных в столице, является доминирующим. Такая ситуация ограничивает конкурентоспособность рынка образовательных услуг, снижает возможности развития региональных вузов и сокращает эффективность рыночного и стратегического управления. Кроме того, в статье представлен анализ динамики индекса Хирша среди профессорско-преподавательского состава университетов за период 2015–2023 гг. Растущие изменения показателей свидетельствуют о повышении научной активности, совершенствовании научного менеджмента, укреплении кадрового потенциала и росте академической конкурентоспособности.

***Ключевые слова:*** *рынок высшего образования; индекс Херфиндаля–Хиршмана (HHI); концентрация рынка; конкуренция; управление; управление конкурентоспособностью; индекс Хирша; научная продуктивность; региональные университеты; Хорогский государственный университет; наукометрия.*

# ASSESSMENT OF THE SCIENTIFIC IMPACT AND COMPETITIVENESS OF KHOROG STATE UNIVERSITY IN THE HIGHER EDUCATION MARKET USING THE HIRSCH INDEX

**A.A. Mamadayozova**

This article examines the structure of the higher education market in the Republic of Tajikistan and assesses its level of concentration using the Herfindahl–Hirschman Index (HHI). The findings indicate that the market, in a regional context, demonstrates a high degree of concentration, with higher education institutions—particularly those located in the capital—holding dominant positions. This situation limits the competitiveness of the educational services market, constrains development opportunities for regional universities, and reduces the effectiveness of market and strategic management. Additionally, the article presents an analysis of the dynamics of the Hirsch index among university faculty members for the period 2015–2023. The upward trends in these indicators reflect improvements in scientific performance, advancements in research management, strengthened human capacity, and an increase in academic competitiveness.

***Keywords:*** *higher education market; Herfindahl–Hirschman Index (HHI); market concentration; competition; management; competitiveness management; Hirsch index; scientific productivity; regional universities; Khorog State University; scientometrics.*

## Муқаддима

Дар шароити афзояндаи нақши дониш ва сармояи инсонӣ системаи таҳсилоти олӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо табдил меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар даҳсолаҳои охир рушди фазои муосири маориф ва инфрасохтори илмиро суръат мебахшад, на танҳо зиёдшавии теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва донишҷӯён муҳим мебошад, балки идоракунии самараноки бозори хизматрасониҳои таълимӣ, ташаккули муҳити рақобатпазир, ва муайян намудани он, ки то чӣ андоза ин бозор мутамарказ мебошад, аҳамияти стратегӣ пайдо менамояд.

Маҳз идоракунии рақобатпазир имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ сифати хизматрасониҳои таълимӣ, самаранокии институтсионалӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба чолишҳои нави иқтисодиро баланд бардоранд.

Рушди минтақавии низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон нобаробар сурат мегирад: ҳиссаи донишҷӯён, имкониятҳои инфрасохторӣ ва шумораи донишгоҳҳо дар минтақаҳои маъмурӣ фарқияти зиёд доранд. Ин нобаробарӣ ба ташаккули консентратсияи географии таълимӣ оварда мерасонад, ки

дар он баъзе минтақаҳо ҷараёнҳои асосии таълимӣ ва захираҳои иқтисодиро ҷалб мекунанд, дар ҳоле ки минтақаҳои дигар бо маҳдудияти имкониятҳо рӯбарӯанд. Дар чунин вазъ зарурати таҳияи механизмҳои идоракунии иқтисодии бозори таълимӣ ва арзёбии илмии сатҳи мутамарказшавӣ ба миён меояд.

Яке аз воситаҳои иттилоотӣ барои чунин таҳлил Индекси Ҳерфиндаль-Ҳиршман (HHI) мебошад, ки барои чен кардани сатҳи монополизатсия ва тақсимоти бозор васеъ истифода мешавад. Индекси Ҳирш ин нишондиҳандаи рақамиест, ки аз ҷониби физик Ҷорҷ Ҳирш соли 2005 таҳия шудааст ва барои баҳодиҳии ҳосилнокии илмӣ ва нуфузи олим дар асоси нашрияҳои ӯ истифода мегардад [1].

Бо мақсади муайян кардани дараҷаи тамаркузи монополӣ ё олигополистӣ дар бозори таҳсилоти олӣ дар буриши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи нишондиҳандаҳое, ки ба ҳисобкунии индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI) асос ёфтаанд, мувофиқ мебошад. Ин индекс имкон медиҳад, ки сатҳи тамаркузи хизматрасониҳои таълимӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар минтақаи муайян фаъолият мекунанд, ба таври миқдорӣ арзёбӣ карда шавад.

Ҳисобкунии индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI) ба муайян намудани ҳиссаи ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ дар ҳаҷми умумии қабули донишҷӯён ва хатмкунӣ асос меёбад. Ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки тақсимоти хизматрасониҳои таълимӣ байни муассисаҳо ба таври миқдорӣ инъикос гардад. Агар яке аз донишгоҳҳо қисми назарраси ҷараёни умумии донишҷӯёнро дар ихтиёр дошта бошад, нуфузи он дар бозори минтақавӣ афзоиш меёбад, ки метавонад боиси ташаккули сохтори монополӣ ё олигополистӣ гардад.

Барои муайян кардани дараҷаи монополизатсия ё олигополия дар бозори таҳсилоти олӣ истифодаи индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI) мувофиқ аст. Ин индекс ба таври миқдорӣ инъикос мекунад, ки кадом муассиса ё минтақа то чӣ андоза дар бозор нуфуз дорад ва имконияти рақобати муассисаҳои дигар чӣ гуна аст.HHI – индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман [6];

$$HHI = S1^2 + S2^2 + S3^2 + \ldots + SN^2,$$

ки дар он:

- S1 – ҳиссаи калонтарин минтақа;
- S2 – ҳиссаи минтақаи дуюм аз рӯи бузургӣ;
- Sn – ҳиссаи хурдтарин минтақа.

Мувофиқи назарияи рақобат, ҳар қадар тамаркузи бозорӣ баланд бошад, ҳамон қадар бозор ба монополия наздик мегардад. Ҳар қадар маънои индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман калонтар бошад, ҳамон қадар дараҷаи тамаркузи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бозор баланд буда, нуфузи гурӯҳи донишгоҳҳо афзуда ва сатҳи рақобат коҳиш меёбад.

Бозори таҳсилоти олӣ бо назардошти индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман чунин квалификатсия карда мешавад:

- агар 1800 < HHI < 10000, ин нишон медиҳад, ки бозор ба монополияи гурӯҳи донишгоҳҳо наздик аст; сатҳи тамаркуз хеле баланд буда, имкони ҳамгирой ё харид зиёд аст ва воридшавии донишгоҳҳои нав ба бозор душвор мегардад.
- агар 1000 < HHI < 1800, бозор мӯътадил мутамарказ шуморида мешавад, гарчанде ки имкони ҳамгирой вуҷуд дорад.
- агар HHI < 1000, бозор камтамарказ аст, яъне бозори рақобатӣ буда, воридшавии донишгоҳҳои нав осонтар мегардад.

Ҷадвал 1– Индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман дар бозори таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бар асоси маълумоти соли 2022 [5].

| № | Минтақаҳо | Қабули донишҷӯён | | | Хатми мутахасисон | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳаҷми умумӣ | S | $S^2$ | ҳаҷми умумӣ | S | $S^2$ |
| 1. | ВМКБ | 623 | 1,24 | 1,54 | 915 | 2,09 | 4,35 |
| 2. | Хатлон | 10653 | 21,25 | 451,58 | 8124 | 18,52 | 342,96 |
| 3. | Суғд | 11886 | 23,71 | 562,16 | 9102 | 20,75 | 430,5 |
| 4. | НТҶ | 499 | 1 | 0,99 | 550 | 1,25 | 1,57 |
| 5. | Душанбе | 26470 | 52,8 | 2 788,02 | 25177 | 57,39 | 3293,91 |
| | Ҳамагӣ: | 50131 | 100 | 3 804,29 | 43868 | 100 | 4 073,30 |

**Манбаъ:** ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмӯаи омори бахши маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022–2023. Қисми дуюм. Душанбе, 2023 тартиб дода шудааст.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, бозори таҳсилоти олӣ дар буриши минтақаҳо ҳам аз рӯи қабули донишҷӯён ва ҳам аз рӯи хатми мутахассисон сатҳи баланди монополизатсияро нишон медиҳад. Индекси Ҳерфиндал –Ҳиршман барои қабули донишҷӯён 3809,29 ва барои хатми мутахассисон 4073,30-ро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки бозори таҳсилоти олӣ ба монополияи донишгоҳҳои пойтахт хеле наздик аст, зеро ҳиссаи онҳо дар қабули донишҷӯён 52,8% ва дар хатми мутахассисон 57,39%-ро ташкил медиҳад. Дар чунин шароит тамаркузи баланд дар бозор мушоҳида мешавад ва воридшавии донишгоҳҳои нав ба бозор мушкил буда, онҳо дар муддати кӯтоҳ наметавонанд шумораи зиёди донишҷӯёнро фаро гиранд [3].

Азбаски 89% донишгоҳҳои Тоҷикистон ба моликияти давлатӣ тааллуқ дошта, муассисони онҳо давлат мебошанд, доштани муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои як қатор минтақаҳо аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангӣ дорад. Бинобар ин, давлат рақобатро танзим мекунад ва иқтидори рақобатии донишгоҳҳои минтақавиро тақвият медиҳад.

Индекси Ҳирш на танҳо нишондиҳандаи наукометрӣ, балки воситаи муҳими идоракунии самараноки фаъолияти илмӣ мебошад, зеро он ба рейтинг, нуфуз ва рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсири бевосита мерасонад [1].

Индекси Ҳирш бар асоси маълумоти библиографӣ, ки дар системаҳои махсуси иттилооти илмӣ ҷойгир шудаанд, ба таври худкор ташаккул меёбад. Ҳар як муҳаққиқ метавонад мустақилона ба арзиши индекси худ тавассути дастрасӣ ба пойгоҳи додаҳои Китобхонаи электронӣ дастрасӣ пайдо кунад. Барои ин, бо истифода аз логин ва пароли шахсии худ ба система ворид шавад, сипас ба бахши "Муаллифҳо" гузарад, "Профили муаллиф" -ро кушояд ва рӯйхати нашрияҳои худро дар ҷадвали "Интишороти ман" бубинад. [4].

Барои муайян кардани индекси Ҳирш дар Scopus низ лозим аст, ки таҳқиқотчӣ дар сомонаи http://www.scopus.com сабти ном намояд. Дар ин ҳолат муҳим аст, ки корҳои илмии муаллиф дар рӯйхати мақолаҳои тақризшаванда ҷой дошта бошанд.

Принсипи ҳисобкунии индекс содда аст: индекси Ҳирш аз муносибати шумораи нашрияҳо ва шумораи иқтибосҳои онҳо бармеояд. Барои ҳисобкунӣ мақолаҳо аз рӯйи шумораи иқтибосҳо аз калонтарин то хурдтарин тартиб дода мешаванд. Масалан, агар муаллиф 165 мақола дошта бошад ва 18-тои онҳо на камтар аз 18 маротиба иқтибос шуда бошанд, индекси Ҳирши ӯ баробари 18 мешавад [4].

Нашрияҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дар пойгоҳи индеки иқтибсҳои илмии Россия нақши муҳим доранд, зеро онҳо натиҷаҳои илмии бадастомадаро миёни ҷомеаи васеи илмӣ аз ҷумла донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва ташкилотҳои касбӣ паҳн менамоянд. Маҷаллаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ соли 2021 расман ба ИИИР (РИНЦ) ворид карда шуд.

Барои таҳлили индекси Ҳирши ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, нашрияҳои солҳои 2015–2023 мавриди омӯзиш қарор дода шуданд [2]. Маълумот дар бораи шумораи нашрияҳо ва арзиши умумии индекси Ҳирши кормандони донишгоҳ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвал 2 – Суммаи индекси Ҳирши тамоми ҳайҳати профессорону устодон

| Номгуйи нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корҳои нашришуда дар ИИИР | 60 | 54 | 58 | 61 | 78 | 80 | 78 | 84 | 135 |
| Суммаи индекси Хирш тамоми ҲПУ-и донишгоҳ | 2,1 | 1,9 | 1,81 | 1,93 | 1,96 | 1,84 | 2,11 | 2,61 | 3,07 |

Манбаъ: ҳисоб аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти донишгоҳ барои солҳои 2015–2023 тартиб дода шудааст.

Ин гуна нашрияҳо ба идоракунии донишгоҳ имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои илмиро паҳн намояд, имиҷи донишгоҳро беҳтар созад, рейтинги муассисаро боло барад, фазои илмиро густариш диҳад, ҳамкориро зиёд намояд ва дастрасӣ ба маблағгузориро тақвият бахшад.

Таҳлил аз рӯи суммаи индекси Ҳирш барои ҳар сол имкон медиҳад, ки ҳосилнокии илмӣ,эътибори академӣ ва идоракунии ДДХ хуб арзёбӣ карда шавад. Дар асоси ин, тағйирёбии нишондиҳандаҳои индекси Ҳирш аз рӯи солҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор мегирад дар Динамикаи 1 нишон дода шудааст.

Динамикаи 1.




Натиҷаҳои таҳлили индекси Ҳирши Донишгоҳи давлатии Хоруғ нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2015–2023 динамикаи мусбат мушоҳида мегардад. Суммаи индекси Ҳирш аз 2,1 дар соли 2015 то 3,07 дар соли 2023 афзоиш ёфт. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки шумораи нашрияҳо боло рафтааст, иқтибосшавии онҳо беҳтар шудааст ва сифати корҳои таҳқиқотӣ рушд кардааст.

Таҳлили динамикаи индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман нишон медиҳад, ки дар солҳои охир тамоюли афзоиши консентратсияи фаъолияти илмӣ мушоҳида мешавад, ки ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои сифатии тадқиқотҳо ишора менамояд.

Чунин натиҷаҳо аз динамикаи мусбати фаъолияти илмии донишгоҳ шаҳодат медиҳанд ва қобилияти онро дар таҳкими мавқеи худ дар фазои илмии миллӣ ва байналмилалӣ тасдиқ мекунанд.

Нашрияҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба донишгоҳ имкон медиҳанд:

- фазои илмиро густариш диҳанд;
- нуфуз ва рақобатпазирии илмиро баланд бардоранд;
- имкониятҳои ҳамкорӣ ва маблағгузории илмиро зиёд намоянд;
- системаи идоракунии илмӣ-тадқиқотии худро такмил диҳанд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар сохтори бозори таҳсилоти олӣ сатҳи баланди тамаркуз ҳукмфармост, ки ин вазъ самаранокии идоракунии рақобат ва танзими бозорро маҳдуд месозад. Индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман мавқеи ҳукмрони донишгоҳҳои пойтахтро тасдиқ намуда, ба ташаккули сохтори монополӣ ва маҳдудшавии имкониятҳои рушди муассисаҳои минтақавӣ меорад. Ин ҳолат ба самаранокии идоракунии захираҳои таълимӣ, тақсимоти ҷараёнҳои донишҷӯён ва устувории институтсионалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Аз таҳлили динамикаи индекси Ҳирш бармеояд, ки фаъолияти илмӣ ва иқтидори таҳқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон тамоюли афзоиш пайдо кардааст. Ин раванд натанҳо ба беҳтаршавии сифати тадқиқотҳо, балки ба такмили идоракунии илмӣ, густариши рақобатпазирии академӣ ва баланд гардидани эътибори муассисаҳои таҳсилоти олӣ ишора мекунад.

*Муқарриз: Бозоров Ш.А. – н.и.т.и.в., дотсент кафедраи «Информатика ва техникаи ҳисоббарор»*

## Адабиёт


1. Индекс Хирша: Материал из Википедии -свободной энциклопедии [Электронный ресурс]. -Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/

2. Мамадаёзова, А.А. Пути улучшения управления факторами конкурентоспособности Хорогского государственного университета» [Текст] / Д.О. Кандиёрова, А.А. Мамадаёзова // Тенденции развития науки и образования. – № 119, Март 2025 (Часть 2). – Изд. Научный центр «LJournal», Самара, doi:10.18411/trnio-03-2025-p2 – С. 68-**76.**

3. Мамадаёзова, А.А. Особенности кокурентоспособности региональных вузов [Текст] / А.А. Мамадаёзова // Материалы Республиканской научно-практической конференции на тему: «Роль Высшей аттестационной комиссии в обеспечении научного суверенитета Таджикистана», посвящённой 30-летию Конституции Республики Таджикистан, 2024

году – Году правового просвещения и 10-летию со дня основания Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2024. – С. 66-76.

4. Осипов П.Н., Индекс Хирша как стимул публикационной активности 10.51379/KPJ.2022.157.7.001 https://cyberleninka.ru/article/n/indeks-hirsha-kak-stimul-publikatsionnoy-aktivnosti.

5. Статистический сборник сферы образования Республики Таджикистан на 2022-2023 учебный год. Часть вторая. Душанбе, 2023.

6. https://vakpro.ru/indeks-herfindalya-i-hirshmana-herfindahl-hirschman-index-hhi/.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-INFORMATION ABOUT AUTHOR**



| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Мамадаёзова Афсона Абдулниёзовна | Мамадаёзова Афсона Абдулниёзовна | Mamadayozova Afsona Abdulniyazovna |
| муаллими калони | старший преподаватель | Senior teacher |
| Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи. М. Назаршоев | Хорогского государственного университета им. М.Назаршоева | Khorog State University named after M. Nazarshoev |
| E-mail: afson-88g@mail.ru. | | |

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

Приложение 1
к Положению о научном журнале
"Политехнический вестник"

## ТРЕБОВАНИЯ И УСЛОВИЯ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ
### статей в журнал "Политехнический вестник"

1. В журнале публикуются статьи научно-практического и проблемного характера, представляющие собой результаты завершенных исследований, обладающие научной новизной и представляющие интерес для широкого круга читателей журнала.
2. Основные требования к статьям, представляемым для публикации в журнале:
- статья (за исключением обзоров) должна содержать новые научные результаты;
- статья должна соответствовать тематике и научному уровню журнала;
- статья должна быть оформлена в полном соответствии с требованиями к оформлению статей (см. пункт 5).
3. Статья представляется в редакцию по электронной почте и в одном экземпляре на бумаге, к которому необходимо приложить электронный носитель текста, идентичного напечатанному, а также две рецензии на статью и справку о результате проверки на оригинальность.
4. Структура статьи

Текст статьи должен быть представлен в формате IMRAD[6] на таджикском, английском или русском языке:

| | |
|---|---|
| **ВВЕДЕНИЕ (Introduction)** | Почему проведено исследование? Что было исследовано, или цель исследования, какие гипотезы проверены? Включает: актуальность темы исследования, обзор литературы по теме исследования, постановку проблемы исследования, формулирование цели и задач исследования. |
| **МАТЕРИАЛЫ И МЕТОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ** (MATERIALS AND METHODS) | Когда, где и как были проведены исследования? Какие материалы были использованы или кто был включен в выборку? Детально описывают методы и схему экспериментов/наблюдений, позволяющие воспроизвести их результаты, пользуясь только текстом статьи. Описывают материалы, приборы, оборудование и другие условия проведения экспериментов/наблюдений. |
| **РЕЗУЛЬТАТЫ (RESULTS)** | Какой ответ был найден. Верно ли была протестирована гипотеза? Представляют фактические результаты исследования (текст, таблицы, графики, диаграммы, уравнения, фотографии, рисунки). |
| **ОБСУЖДЕНИЕ** (DISCUSSION) | Что подразумевает ответ и почему это имеет значение? Как это вписывается в то, что нашли другие исследователи? Каковы перспективы для будущих исследований? Содержит интерпретацию полученных результатов исследования, включая: соответствие полученных результатов гипотезе исследования; ограничения исследования и обобщения его результатов; предложения по практическому применению; предложения по направлению будущих исследований. |
| **ЗАКЛЮЧЕНИЕ** (CONCLUSION) | Содержит краткие итоги разделов статьи без повторения формулировок, приведенных в них. |
| **БИБЛИОГРАФИЧЕСКИЙ СПИСОК** (REFERENCES) | СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ (см. п.3). |
| **СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ** (AUTHORS' BACKGROUND) | оформляется в конце статьи в следующем виде: |

[6] Данный термин составлен из первых букв английских слов: Introduction (Введение), Materials and Methods (Материалы и методы), Results (Результаты) Acknowledgements and Discussion (Обсуждение). Это самый распространенный стиль оформления научных статей, в том числе для журналов Scopus и Web of Science.

| | TJ | RU | EN |
|---|---|---|---|
| Ному насаб, ФИО, Name | | | |
| Дараҷа ва унвони илмӣ, Степень и должность, Title[7] | | | |
| Ташкилот, Организация, Organization | | | |
| e-mail | | | |
| ORCID[8] Id | | | |
| Телефон | | | |

| | |
|---|---|
| **КОНФЛИКТ ИНТЕРЕСОВ** (CONFLICT OF INTEREST) | Конфликт интересов — это любые отношения или сферы интересов, которые могли бы прямо или косвенно повлиять на вашу работу или сделать её предвзятой.<br>Пример:<br>1. Конфликт интересов: Автор X.X.X. Владеет акциями Компании Y, которая упомянута в статье. Автор Y.Y.Y. – член комитета XXXX.<br>2. Если конфликта интересов нет, авторы должны заявить: Авторы заявляют, что у них нет конфликта интересов.<br>Все авторы прочитали и одобрили окончательный вариант рукописи |
| **ЗАЯВЛЕННЫЙ ВКЛАД АВТОРОВ** (AUTHOR CONTRIBUTIONS). | Публикуется для определения вклада каждого автора в исследование. Описание, как именно каждый автор участвовал в работе (предпочтительно), или сообщение о вкладах авторов в процентах или долях (менее желательно).<br>Пример данного раздела:<br>1. Авторы А1, А2 и А3 придумали и разработали эксперимент, авторы А4 и А5 провели теоретические исследование. Авторы А1 и А6 участвовали в обработке данных. Авторы А1, А2 и А5 участвовали в написании текста статьи. Все авторы участвовали в обсуждении результатов.<br>2. Все авторы сделали эквивалентный вклад в подготовку публикации |
| | ДОПОЛНИТЕЛЬНО (по желанию автора) |
| **БЛАГОДАРНОСТИ** (опционально) - ACKNOWLEDGEMENT (optional) | Если авторы в конце статьи выражают благодарность или указывают источник финансовой поддержки при выполнении научной работы, то необходимо эту информацию продублировать на английском языке. |
| **ФИНАНСИРОВАНИЕ РАБОТЫ** (FUNDING) | Информация о грантах и любой другой финансовой поддержке исследований. Просим не использовать в этом разделе сокращенные названия институтов и спонсирующих организаций. |
| **ДОПОЛНИТЕЛЬНАЯ ИНФОРМАЦИЯ** (ADDITIONAL INFORMATION) | В этом разделе могут быть помещены:<br>Нестандартные ссылки. Например, материалы, которые по каким-то причинам не могут быть опубликованы, но могут быть предоставлены авторами по запросу. Дополнительные ссылки на профили авторов (например, ORCID). Названия торговых марок на иностранных языках, которые необходимы для понимания статьи или ссылки на них.<br>Особые сообщения об источнике оригинала статьи (если статья публикуется в переводе).<br>Информация о связанных со статьей, но не опубликованных ранее докладов на конференциях и семинарах. |

5. Требования к оформлению статей

[7] Title can be chosen from: master student, Phd candidate, assistant professor, senior lecture, associate professor, full professor

[8] ORCID или Open Researcher and Contributor ID (Открытый идентификатор исследователя и участника) — незапатентованный буквенно-цифровой код, который однозначно идентифицирует научных авторов. www.orcid.org.

Рекомендуемый объем оригинальной статьи – до 10 страниц, обзора – до 15 страниц, включая рисунки, таблицы, библиографический список. В рубрику «Краткие сообщения» принимаются статьи объемом не более 3 страниц, включая 1 таблицу и 2 рисунка.

Рекомендации по набору и оформлению текста

| Наименование | Требования | Примечания |
|---|---|---|
| Формат страницы | А4 | |
| Параметры страницы и абзаца | отступы сверху и снизу - 2.5 см; слева и справа - 2 см; табуляция - 2 см; | ориентация - книжная |
| Редактор текста | Microsoft Office Word | |
| Шрифт | Times New Roman, 12 пунктов | |
| межстрочный интервал | Одинарный, выравнивание по ширине | Не использовать более одного пробела между словами, пробелы для выравнивания, автоматический запрет переносов, подчеркивания. |
| Единица измерения | Международная система единиц СИ | |
| Сокращения терминов и названий | В соответствии с ГОСТ 7.12-93. | должны быть сведены к минимуму |
| Формулы | Математические формулы следует набирать в формульном редакторе MathTypes Equation или MS Equation, греческие и русские буквы в формулах набирать прямым шрифтом (опция текст), латинские курсивом.<br>Формулы и уравнения печатаются с новой строки и центрируются. | Обозначения величин и простые формулы в тексте и таблицах набирать как элементы текста (а не как объекты формульного редактора).<br>Нумеровать следует только те формулы, на которые есть ссылки в последующем изложении. Нумерация формул сквозная. Повторение одних и тех же данных в тексте, таблицах и рисунках недопустимо |
| Таблицы | При создании таблиц рекомендуется использовать возможности MS Word (Таблица – Добавить таблицу) или MS Excel. Таблицы должны иметь порядковые номера, название и ссылку в тексте.<br>Таблицу следует располагать в тексте после первого упоминания о ней.<br>Интервал между строчками в таблице можно уменьшать до одинарного, размер шрифта – до 9 пунктов. | Внутри таблицы заголовки пишутся с заглавной буквы, подзаголовки – со строчной, если они составляют одно предложение с заголовком. Заголовки центрируются. Боковые – по центру или слева. Диагональное деление ячеек не рекомендуется. В пустой ячейке обязателен прочерк (тире –). Количество знаков после запятой (точность измерения) должно быть одинаковым. |
| Рисунки (иллюстрации, графики, диаграммы, схемы) | Должны иметь сквозную нумерацию, название и ссылку в тексте, которую следует располагать в тексте после первого упоминания о рисунке.<br>Рисунки должны иметь расширение, совместимое с MS Word (*JPEG, *BIF, *TIFF (толщина линий не менее 3 пкс)<br>Фотографии должны быть предельно четкими, с разрешением 300 dpi.<br>Максимальный размер рисунка: ширина 150 мм, высота 245 мм.<br>Каждый рисунок должен иметь подрисуночную подпись, в которой дается объяснение всех его элементов.<br>Кривые на рисунках нумеруются арабскими цифрами и комментируются в подписях к рисункам. | Заголовки таблиц и подрисуночные подписи должны быть по возможности лаконичными, а также точно отражающими смысл содержания таблиц и рисунков. Все буквенные обозначения на рисунках необходимо пояснить в основном или подрисуночном текстах.<br>Все надписи на рисунках (наименования осей, цифры на осях, значки точек и комментарии к ним и проч.) должны быть выполнены достаточно крупно, одинаковым шрифтом, чтобы они легко читались при воспроизведении на печати. Наименования осей, единицы измерения физических величин и прочие надписи должны быть выполнены на русском языке. Не допускается наличие рамок вокруг и внутри графиков и диаграмм<br>Каждый график, диаграмма или схема вставляется в текст как объект MS Excel. |

Рукопись должна быть построена следующим образом:

| Раздел | Содержание (пример) | Расположение |
|---|---|---|
| Индекс УДК[9] | **УДК 62.214.4; 621.791.05** | в верхнем левом углу полужирными буквами |
| Заголовок | **НАЗВАНИЕ СТАТЬИ (должен быть информативным и, по возможности, кратким)** (на языке оригинала статьи) | В центре полужирными буквами |
| Авторы | **Инициалы и фамилии авторов** (на языке оригинала статьи) | В центре полужирными буквами |
| Организация | **Таджикский технический университет имени академика М.С.Осими** | В центре полужирными буквами |
| Реферат (аннотация) | Должен быть информативным и на языке оригинала статьи (таджикском, русском и английском), содержать 800-1200 печатных знаков (120-200 слов). Структура реферата: Введение. Материалы и методы исследования. Результаты исследования. Заключение. | Выровнять по ширине |
| Ключевые слова | 5-6, разделены между собой « , ». (на языке оригинала статьи) Пример: энергосбережение, производство корунда, глинозем, энергопотребление, оптимизация | Выровнять по ширине |
| На двух других языках приводится: Заголовок Авторы Организация Реферат (аннотация) | перевод названия статьи, авторов[10], организации[11], заголовки и реферат[12] и ключевые слова[13] на двух других языках | |
| Статья согласно структуры | Согласно требованиям пункта 4 требования и условия предоставления статей в журнал "Политехнический вестник" | Выровнять по ширине |

К статье прилагается (см. http://vp-es.ttu.tj/):

1. Сопроводительное письмо (приложение 1А).
2. Авторское заявление (приложение 1Б).
3. Лицензионный договор (приложение 1В).
4. Экспертное заключение о возможности опубликования статьи в открытой печати (приложение 1Г).
5. Рецензия (приложение 1Д).

[9] Универсальная десятичная классификация (УДК) — система классификации информации, широко используется во всём мире для систематизации произведений науки, литературы и искусства, периодической печати, различных видов документов и организации картотек. Межгосударственный стандарт ГОСТ 7.90—2007. Пример: https://www.teacode.com/online/udc/

[10] В английском переводе фамилии авторов статей представляются согласно системе транслитерации BSI (British Standard Institute). Стандарт BSI обычно применяется в случае, когда требуется корректная транслитерация букв, слов и предложений из кириллического алфавита в латинский в случае оформления библиографических списков с официальным статусом. Им пользуются для того, чтобы попасть в зарубежные базы данных.

[11] Название организации в английском переводе должно соответствовать официальному, указанному на сайте организации. Непереводимые на английский язык наименования организаций даются в транслитерированном варианте.

[12] Необходимо использовать правила написания организаций на английском языке: все значимые слова (кроме артиклей и предлогов) должны начинаться с прописной буквы. Совершенно не допускается написание одних смысловых слов с прописной буквы, других – со строчной.

[13] В английском переводе ключевых слов не должно быть никаких транслитераций с русского языка, кроме непереводимых названий собственных имен, приборов и др. объектов, имеющих собственные названия; также не должен использоваться непереводимый сленг, известный только ограниченному кругу специалистов.

| | |
|---|---|
| **Муҳаррири матни русӣ:** | **М.М. Яқубова** |
| **Муҳаррири матни тоҷикӣ:** | **Ҷ.Ҳ. Ҳикматов** |
| **Муҳаррири матни англисӣ:** | **М.М. Бобоева** |
| **Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ:** | **К.Ҷ. Муҳиддинзода** |

| | |
|---|---|
| **Редактор русского текста:** | **М.М. Якубова** |
| **Редактор таджикского текста:** | **Дж.Х. Хикматов** |
| **Редактор английского текста:** | **М.М. Бобоева** |
| **Компьютерный дизайн и верстка:** | **К.Дж. Мухиддинзода** |

**Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10^А^**
**Адрес: г. Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10^А^**

Ба чоп 27.03.2026 имзо шуд. Ба матбаа 31.03.2026 супорида шуд.
Чопи офсетӣ. Коғази офсет. Андозаи 60x84 1/8
**Адади нашр 50 нусха.**

**Матбааи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**
**ш. Душанбе, кӯчаи акад. Раҷабовҳо, 10**